# МУНДАРИҶА

## ҚОНУНҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1) Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ
2) Дар бораи ҳифзи меҳнат
3) Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ
4) Дар бораи иттифоқҳои касаба
5) Дар бораи корхонаҳои давлатӣ
6) Дар бораи рӯзҳои ид
7) Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, тартиби амали системаи шарикии иҷтимоиро ҳамчун муҳимтарин шакли танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманди иқтисодӣ, ки ба таҳкими ҳамкории иҷтимоӣ ва ризоияти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, муайян месозад.

### Боби 1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 1. Мафумҳои асосӣ**

Дар қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- шарикии иҷтимоӣ - ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ -меҳнатие, ки ба таъмини мувофиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд;

- системаи шарикии иҷтимоӣ принсипҳо ва қоидаҳое, ки тавассути онҳо дар сатҳу сохторҳои гуногун, бо мақсади ҳосил шудани ризоияти тарафҳо, қабули қарорҳои муштарак, татбиқи амалиёти якҷоя ва пешгарии ихтилофот, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ созмон дода мешавад;

- муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, маҷмӯи муносибатҳо байни кормандон ва корфармоён;

- тарафҳои шарикии иҷтимоӣ (минбаъд - Тарафҳо) - мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, кормандон ва корфармоён дар шахси намояндагони ваколатдори онҳо тибқи тартиби муқарраргардида;

- мақомоти системаи шарикии иҷтимоӣ - комиссияҳои ба танзимдарории муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатии сатҳи дахлдор, ки аз тарафи шарикони иҷтимоӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ ва усулҳои ҳамкории баробар ташкил карда мешаванд;

- корфармо - мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, шахси ҳуқуқӣ, ҳамчунин намояндагӣ ва бахшҳои он ва шахси воқеие, ки тибқи қонунгузорӣ дорои ҳуқуқи бо корманд бастан ва қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ мебошанд;

- намояндагони кормандон - мақомоти иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо (ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), ки мувофиқи оинномаҳои онҳо ҳамчун намоянда ваколатдор шудаанд, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятии дар маҷлиси умумии (конференсия) кормандони ташкилот таъсисёфта ва аз ҷониби онҳо ваколатдоршуда;

- корманд - шахсе, ки бо корфармо дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатии басташуда дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дорад;

- иттиҳодияҳои корфармоён шакли ташкилоти ғайритиҷоратиест, ки ба узвияти корфармоён асос ёфтааст;

- созишнома дар бораи шарикии иҷтимоӣ - санади ҳуқуқиест, ки

муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатии байни қормандон, корфармоён, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳо ва касбҳоро ба танзим медарорад;

- шартномаи коллективӣ - санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатиро дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо (минбаъд - ташкилот) ба танзим медарорад ва аз тарафи намояндагони ваколатдорашон байни корфармоён ва кормандон баста мешавад;

- музокироти коллективӣ - тарзи таҳия ва қабули қарорҳои муштарак оид ба масъалаҳое, ки мавзӯи шарикии иҷтимоиро фаро мегиранд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади шарикии иҷтимоӣ**

Мақсади шарикии иҷтимоӣ аз инҳо иборат аст:

- татбиқи ҳуҳуқҳои меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи кафолатҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мусоидат ба танзими масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла масъалаи муқаррар намудани андозаи музди меҳнат;

- зиёд намудани даромади кормандон дар асоси афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот;

- таъсиси механизми самараноки танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

- гузаронидани музокироти коллективӣ, машваратҳои мутақобила, таҳия ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешгирии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва мусоидат ба ҳалли низомҳои иҷтимоӣ;

- таҳким ва инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар асоси принсипҳои демократӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи бозори меҳнат.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ**

Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ инҳоянд:

- ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва (ё) корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор бо тартиби муқарргардида намоян-дагони онҳо;

- баробарҳукуии Тарафҳо;

- ваколатдории намояндагони Тарафҳо;
- эҳтироми манфиати Тарафҳо;
- интихоби озод дар баррасии масъалаҳое, ки мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро ташкил медиҳанд;
- аз ҷониби Тарафҳо ихтиёрӣ қабул намудани ӯҳдадориҳо;
- иҷрои ҳатмии муқаррароти созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ аз ҷониби Тарафҳо қабулгардида;
- ҷавобгарии Тарафҳо барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо, қарорҳо, созишномаҳо ва шартномаҳо;
- назорати мутақобила ва самимият (ошкоро) дар назди шарикон;
- дурустӣ ва мунтазамии иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти Тарафҳо.

**Моддаи 5. Шаклҳои амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ**

Шаклҳои амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ инҳоянд:
- музокирот ва машваратҳо;
- таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои муштарак;
- бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ;
- иттилоотонии мутақобилаи Тарафҳо оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои қабулгардида.

**Моддаи 6. Мақомоти системаи шарикии иҷтимоӣ**

Мақомоти асосии системаи шарикии иҷтимоӣ дар тамоми сатҳҳо комиссияҳои сетарафа (дутарафа) ба ҳисоб мераванд. Аз ҷониби комиссияҳо музокироти коллективӣ гузаронида, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таҳия ва баста мешаванд, ҳамчунин рафти иҷрои онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Комиссияҳои ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ мувофиқи Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳон иҷтимоӣ – меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи иттиҳодияҳои намояндагони кормандон ва иттиҳодияи корфармоён тасдиқ мегардад, фаъолият мекунанд.

Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ - комиссияҳои сетарафа (дутарафа) оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, мақомоти оид ба таъмини мутобиқгардонии манфиатҳои давлат ва тарафҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо карда мешаванд. Комиссияҳои сетарафа (дутарафа) аз намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои корфармоён иборатанд.

Дар сатҳи соҳавӣ - комиссияҳои сетарафа (дутарафа) оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ таъсис дода мешаванд. Ҳайати комиссияҳои соҳавӣ, ки ба он намояндагони мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти намояндагии кормандон ва корфармоён шомиланд, аз ҷониби Тарафҳо ташкил карда мешавад.

Дар сатҳи минтақавӣ комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти

дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, корфармоён ва кормандон ташкил карда мешаванд.

Дар сатҳи ташкилотҳо оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ таҳия ва бастани шартномаҳои коллективӣ комиссияҳои дутарафа таъсис дода мешаванд.

Ба ҳайати намояндагони корфармоён ва кормандон шомил мешаванд.

Дар сатҳи гурӯҳҳои молиявӣ - саноатӣ ва корпоратсияҳои трансмиллӣ, комиссияҳои дутарафа (сетарафа) оид ба гузаронидани музокироти (машваратҳои) коллективӣ, таҳия ва бастани созишнома дар иттиҳодияҳои хоҷагиҳои мазкур, аз ҷумла ташкилотҳои берун аз ҳудуди давлат ҷойгирбуда ташкил карда мешаванд. Ба ҳайати комиссияҳо намояндагони корфармо ва кормандон дохил мебошанд.

**Моддаи 7. Музокироти коллективӣ**

Аз номи кормандон ҳуқуқи гузаронидани музокироти коллективӣ ба мақомоти намояндагии онҳо дода мешавад.

Дар музокироти (машваратҳои) коллективӣ намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, кормандон ва корфармоён иштирок менамоянд.

Мақомотӣ идораи давлатӣ ва ҳоҷагӣ, инчунин корфармо (соҳибмулк) вазифадоранд оид ба масъалаҳое, ки барои баррасӣ аз тарафи иттифоқҳои касаба ва ё мақомоти дигари намояндагии ваколатдори махсуси кормандон пешниҳод карда мешаванд, музокирот доир намоянд.

Ҳар кадоме аз Тарафҳо дар муддати на дертар аз се моҳи то ба охир расидани мӯҳлати амали созишномаҳо ва шартномаҳои коллективии қаблӣ ё дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи ин ҳуҷҷатҳо ҳақ дорад ба тарафи дигар оид ба оғози музокирот огоҳии хаттӣ ирсол намояд.

Дар ҳамаи ҳолатҳои зикргардида Тарафе, ки аз Тарафи дигар огоҳии хаттӣ гирифтааст, вазифадор аст дар муддати 7 рӯз дар сатҳи ташкилот ва дар муддати 15 рӯз дар дигар сатҳҳо музокирот оғоз намояд.

**Моддаи 8. Тартиби гузаронидани музокирот**

Барои гузаронидани музокироти коллективӣ Тарафҳо бо шумораи баробари намояндагон, ки дорои ваколатҳои зарурӣ мебошанд, барои таҳияи лоиҳаи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ комиссия таъсис медиҳанд. Ҳайати комиссия, мӯҳлат, макони баргузорӣ ва рӯзномаи музокирот бо қарори Тарафҳо муайян карда мешавад.

Тарафҳое, ки дар музокирот иштирок менамоянд, ҷиҳати интхобу муҳокимаи масъалаҳое, ки ба ҳалли ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо тааллуқ доранд, комилҳуқуқанд.

Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар доираи шарикии иҷтимоӣ ба гирифтани иттилооти эътимодбахш ба тариқи ройгон ва бемонеа ҳуқуқ доранд. Иттилооти мазкурро Тарафҳо вазифадоранд ба якдигар на дертар аз ду ҳафта аз рӯзи гирифтани дархости дахлдор пешниҳод намоянд.

Мақомоти идораи давлатӣ ва хоҷагӣ, инчунин корфармо (соҳибмулк) вазифадоранд, ки ба мақомоти иттифоқҳои касаба ё дигар мақомоти намояндагии ваколатдори махсуси кормандон барои салоҳиятнок гузаронидани музокирот иттилооти зарурӣ пешниҳод намоянд. Иштирокчиёни музокирот шахсони дигари ба музокирот алоқаманд, набояд маълумоти дорои сирри давлатӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратиро ошкор созанд.

Агар дар анҷоми музокирот созишнома ба имзо расонида нашавад, протокол тартиб дода мешавад, ки ба он пешниҳодҳои ниҳоии ифодаёфтаи Тарафҳо ва тадбирҳое, ки мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён, корфармо (соҳибмулк) бо тартиби яктарафа ҷиҳати ҳалли ихтилофот бояд андешанд, дохил карда мешавад.

**Моддаи 9. Кафолат ва ҷуброн барои вақти музокирот**

Шахсоне, ки ба сифати намояндагони Тарафҳо дар музокирот иштирок менамоянд, инчунин мутахассисони дар давоми музокирот ба кори комиссия даъватгардида аз ҷойҳои кори асосиашон бо нигоҳдории музди миёнаи меҳнат муваққатан озод карда мешаванд. Тамоми хароҷоти вобаста ба иштирок дар музокирот тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

Музди меҳнати коршиносон ва мутахассисоне, ки бо мувофиқаи Тарафҳо даъват карда мешаванд, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва хоҷагӣ, корфармоён (соҳибмулкон) пардохта мешавад.

**Моддаи 10. Баррасии ихтилофот**

Тарафҳо вазифадоранд барои танзими ихтилофот ки дар ҷараёни музокирот оид ба бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба вуҷуд меоянд, аз тамоми имкониятҳо истифода намоянд.

Ихтилофоти дар рафти музокирот бавуҷудомада бояд дар протоколи аз ҷониби Тарафҳо ба имзорасида ба расмият дароварда шавад.

Дар давоми се рӯзи корӣ баъди тартиб додани протокол оид ба ихтилофот Тарафҳо машваратҳо гузаронида, аз ҳайатҳои худ комиссияи созиш таъсис медиҳанд.

Комиссияи созиш аз намояндагони Тарафҳо дар асоси баробарҳуқуқӣ ташкил карда мешавад. Ягон Тараф ҳуқуқ надорад, ки аз таъсиси комиссияи созиш ва иштирок дар кори он саркашӣ намояд.

Ихтилофот аз тарафи комиссияҳои созиш бояд дар мӯҳлати то панҷ рӯзи корӣ, аз лаҳзаи қабули қарор оид ба ташкили он мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Қарори комиссияи созиш бо мувофиқаи Тарафҳо қабул карда мешавад, ки баъд аз ин иҷрои он дар мӯҳлат ва бо тартиби аз ҷониби Тарафҳо муқаррargardида эътибори ҳатмӣ пайдо мекунад.

Ҳангоми дар рафти музокироти коллективӣ сар задани ихтилофот Тарафҳо барои ҳалли он расмиёт ва дигар имкониятҳои муросокоронаи дар ихтиёрашон бударо истифода мебаранд.

## Боби 2. Созишнома дар бораи шарикии иҷтимоӣ

**Моддаи 11. Намудҳои созишнома ва иштирокчиёни он**

Намудҳои созишномаҳо - созишномаҳои Генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ.

Созишномаи Генералӣ - санади ҳуқуқиест, ки принсипҳои умумии сиёсати шарикии иҷтимоию иқтисодиро муқаррар намуда, равандҳои асосии ҳамкорӣ ва ӯҳдадориҳои тарафайни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявии корфармоёнро дар соҳаи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, зиёд кардани даромади меҳнаткашонро бо мурури мӯътадил гардидани вазъи иқтисодиёт муайян мекунад.

Созишномаи соҳавӣ санади ҳуқуқиест, ки равандҳои иҷтимоиву иқтисодии инкишофи соҳа, шароити меҳнат, сатҳи шуғл, музди меҳнат, кафолатҳои ичтимоиро барои кормандони соҳа муқаррар ва масъалаҳои тарафайни сатҳи соҳавиро муайян менамояд.

Созишномаи минтақавӣ санади ҳуқуқиест, ки дар минтақаи воҳиди дахлдори маъмурии ҳудудӣ шароити умумии меҳнат, кафолат ва имтиёзҳои меҳнатиро ба танзим медарорад, ки барои ҳамаи Тарафҳо ҳатмист ва ҳангоми бастани шартномаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Созишнома бо мувофиқи Тарафҳо метавонад дутарафа ва сетарафа бошад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳоқимияти давлатӣ ва идоравӣ, ки дар музокироти сетарафа ширкат меварзанд, дар сурати ба он исрор намудани ду тарафи дигар метавонанд аз бастани созишнома худдорӣ кунанд.

Созишномаҳо дар сатҳҳои зерин баста мешаванд:

- дар сатҳи ҷумҳуриявӣ - Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияи корфармоён ва намояндагони кормандони Тоҷикистон;
- дар сатҳи соҳавӣ - байни мақомоти дахлдори давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти соҳавии намояндагии кормандон;
- дар сатҳи вилоятӣ - байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон;
- дар сатҳи шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ноҳияҳои шаҳрҳо-байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён (соҳибмулкон), намояндагони кормандон.

**Моддаи 12. Тартиб ва мӯҳлати бастани созишнома**

Тартиб, мӯҳлати таҳияву бастани созишнома ва ҳайати комиссия аз

ҷониби Тарафҳо муайян гардида, тавассути протокол ба расмият дароварда мешаванд.

Лоиҳаи созишнома аз ҷониби комиссия таҳия гардида, аз тарафи мақомоти дахлдори идораи давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён,

мақомоти иттифоқҳои касаба ё дигар мақомоти намояндагии ваколатдори махсуси кормандон ба имзо расонида мешавад.

Тартиби мушаххаси бастани созишномаҳоро Низомномаи тартиби таҳия ва бастани Созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи мақомоти намояндагии кормандон ва иттиҳодияҳои корфармоён тасдиқ кардааст, муайян менамояд.

**Моддаи 13. Мазмуни созишнома**

Мазмуни созишномаро Тарафҳо муайян мекунанд.

Дар созишнома инҳо пешбинӣ мегарданд:

- ӯҳдадориҳо дар соҳаи пардохти музди меҳнат, ҳифзи меҳнат, киро кардан ва аз кор озод намудани кормандон;
- иҷрои маҷмӯи тадбирҳои махсус оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, чорабиниҳо оид ба инкишофи бозори меҳнат, таъминоти муфиди шуғли аҳолӣ, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулот, аз ҷумла молҳои ниёзи мардум ва кишоварзӣ;
- муқаррар намудани меъёрҳои асосии сатҳи зиндагӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ;
- муқаррар намудани имтиёзот ва афзалиятҳои иловагӣ ба ташкилотҳо, корфармоёне (соҳибмулконе), ки ҷойҳои кории иловагӣ ташкил намуда, аз меҳнати маъюбон ҷавонон, аз ҷумла наврасон истифода менамоянд;
- иштироки кормандон дар истифодабарии даромадҳое, ки аз фурӯши амволи ба моликияти давлатӣ тааллуқдошта ба даст меоянд;
- ҳифзи манфиати кормандон ҳангоми хусусигардонии фонди манзилӣ;
- зиёд намудани ҳаҷми иловапулиҳои хусусияти ҷубронидошта, ки андозаи ҳадди ақалашон дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ гардидааст;
- таъмини амнияти экологӣ ва ҳифзи саломатӣ;
- масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ;
- беҳтар намудани шароити хизматрасонии иҷтимоии шахсоне, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, дигар масъалаҳои ба соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ вобаста, инчунин ӯҳдадориҳо оид ба пешгирии ихтилофоти меҳнатӣ ва эътирозҳо, таҳкими интизоми меҳнат, муайян намудани масъулияти иштирокчиёни созишнома, таъмини назорат оид ба ҷараёни иҷрои созишнома.

**Моддаи 14. Амали созишнома**

Созишнома аз рӯзи ба он имзо гузоштани Тарафҳо ва ё аз рӯзи дар созишнома муқарраршуда эътибор пайдо мекунад. Давраи амал ва мӯҳлати бастани созишномаро Тарафҳо муайян мекунанд.

Созишнома доираи кормандонеро, ки дар созишнома муайян карда шудааст, фаро мегирад.

**Моддаи 15. Тағйиру иловаҳо ба созишнома**

Тағйиру иловаҳо ба созишнома тибқи тартиби барои бастани он муқарраргардида бо мувофиқаи тарафайн ворид карда мешаванд.

**Моддаи 16. Ӯҳдадории шахсони мансабдор дар музокироти коллективӣ**

Мансабдорон вазифадоранд дар музокироти коллективӣ иштирок намоянд.

Мансабдороне, ки аз иштирок дар музокироти коллективӣ, аз даъвати комиссияи гузаронидани музокирот бо мақсади бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ саркашӣ мекунанд, гунаҳгоранд ё ӯҳдадориҳои тибқи созишнома, шартномаҳои коллективӣ пешбинишударо иҷро накардаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## Боби 3. Шартномаи коллективӣ

**Моддаи 17. Қарор дар бораи зарурати бастани шартномаи коллективӣ**

Қарорҳо дар бораи зарурати бастани шартномаҳои коллективӣ дар ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва навъи фаъолияташон, иттифоқи касаба аз тарафи мақомоти дахлдори интихобӣ, дигар мақомоти намояндагии ваколатдори махсуси кормандон ва корфармо қабул менамояд.

**Моддаи 18. Тарафҳои шартномаи коллективӣ**

Шартномаи коллективӣ дар ташкилотҳо, новобаста аз шаклҳои моликият ва намуди хоҷагидориашон, дар муассисаҳои таҳсилоти олии миёнаи касбӣ ва ибтидоии касбӣ, ҳамчунин дар воҳидҳои таркибии ташкилотҳо оид ба масъалаҳое, ки марбут ба салоҳияти ин қисматҳои сохторӣ баста мешаванд.

Тарафҳои шартномаи коллективӣ мақомоти намояндагии кормандон, корфармо, (соҳибмулк) ё мақомоти аз тарафи онҳо ваколатдоршуда ба ҳисоб мераванд.

Дар сурати дар ташкилот мавҷуд будани якчанд мақомоти намояндагии кормандон, бомувофиқаи байни онҳо, ба сифати тарафи шартномаи коллективӣ мақомоти намояндагие, ки аксарияти кормандони ташкилотро муттаҳид менамояд ё мақоме, ки дар он ҳамаи мақомоти намояндагии кормандони ташкилот мутаносибан аз рӯи шумораи аъзояшон намояндагӣ мекунанд, тарафи шартномаи коллективӣ шуморида мешавад.

**Моддаи 19. Тартиб ва мӯҳлати бастани шартномаи коллективӣ**

Тартиб ва мӯҳлати бастани шартномаи коллективӣ, ҳайати комиссияи барои пешбурди музокирот таъиншавандаро Тарафҳо муайян мекунанд, ки он бо фармони корфармо ба расмият даровarда мешавад.

Лоиҳаи шартномаи колективӣ бояд ба таври ҳатмӣ дар коллективҳои меҳнатӣ муҳокима карда шавад. Лоиҳаи такмилдодашуда

аз тарафи маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатӣ тасдиқ карда мешавад.

Маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатии ташкилот бо протокол (қарор) намояндаи худро вазифадор менамояд, ки бо корфармо шартномаи коллективӣ бандад (имзо кунад).

Намояндаи кормандон ҳуқуқ дорад, ки бо тартиб ва шартҳои барои бастани шартномаи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур дар бораи ба имзо расонидани замима ба шартномаи коллективӣ, ки аз номи коллективи меҳнатӣ баста шудааст, музокирот намояд. Замима ҷузъи ҷудонашавандаи шартномаи коллективӣ буда, баробари он эътибори ҳуқуқӣ дорад.

**Моддаи 20. Мазмуни шартномаи коллективӣ**

Мазмун ва шартномаи коллективиро Тарафҳо дар доираи салоҳияти худ муайян мекунанд.

Шартномаҳои коллективӣ муқаррароти зеринро дар бар мегирад:

- дар бораи ташкили меҳнат;
- дар бораи шаклҳо, системаи пардохти музди меҳнат, мукофотпулиҳо, кӯмакпулиҳо, ҷубронпулиҳо ва пардохтҳои иловагӣ;
- дар бораи андозаҳои тарифии маош ва маошҳои вазифавӣ вобаста ба касб, дараҷаи тахассуси кормандон, мушкилот ва шароити корӣ, ки онҳо иҷро менамоянд;
- дар бораи давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳат;
- дар бораи ташкил намудани шароити бехатарии меҳнат, беҳтар намудани ҳифзи саломатӣ, кафолатҳои суғуртаи тиббии аъзои коллективи меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо, дигар намудҳои суғурта;
- дар бораи таъмини шуғл, омодасозии кадрҳо, бо кор таъминкунии кормандони аз кор озодшуда;
- дар бораи танзими тартиботи дохилии меҳнат;
- дар бораи тартиботи таъсис ва фаъолияти комиссияҳои созиш оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ;
- дар бораи тартиботи огоҳонидани мақомоти намояндагии қормандон ва гузаронидани машварат ҳангоми ба таври оммавӣ озод намудани коргарон бо сабаби такмил додаани ташкили кор, барҳам додани ташкилот, пурра ва ё қисман аз кор бозмондани истеҳсолот.

Дар шартномаи коллективӣ бо назардошти имкониятҳоӣ иқтисодии ташкилот метавонанд шартҳои дигар, аз ҷумла шартҳои меҳнатӣ ва иҷтимоиву иқтисодии имтиёзнок дар муқоиса бо меъёрҳо ва муқаррароти бо қонунгузорӣ ва созишномаҳои муқаррарнамуда (рухсатиҳоии иловагӣ, иловапулиҳо ба нафақа, ҷуброни ҳароҷоти нақлиёт ва сафарҳои хизматӣ, таъмини хӯроки ройгон ё қисман пардохтшавандаи кормандон дар истеҳсолот ва фарзандони онҳо дар мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ, имтиёзҳо ва ҷубронпулҳҳои иловагии дигар) дошта бошанд.

**Моддаи 21. Мӯҳлати эътибори шартномаи коллективӣ**

Мӯҳлати эътибори шартномаи коллективиро Тарафҳо муайян мекунанд.

Шартномаи коллективӣ аз рӯзи аз ҷониби Тарафҳо имзо шуданаш ё аз рӯзи дар шартномаи коллективӣ муқарраргардида эътибор пайдо мекунад.

Дар мавриди тағйир ёфтани ҳайати мақомоти идоравии ташкилот, иваз шудани соҳибмулки амвол, шартномаи коллективӣ то вақти қабули шартномаи нав амал мекунад.

Дар ҳолати барҳам додани ташкилот бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шартномаи коллективӣ дар тамоми мӯҳлати раванди барҳамдиҳӣ амал менамояд.

**Моддаи 22.Тағйиру иловаҳо ба шартномаи коллективӣ**

Ба шартномаи коллективӣ дар давоми мӯҳлати амали он бо мувофиқаи Тарафҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи шартнома тағйиру иловаҳо ворид кардан мумкин аст.

**Моддаа 23. Кафолатҳо дар ҳолати пеш аз мӯҳлат қать кардани шартномаи коллективӣ**

Агар иҷрои шартномаи коллективӣ мушкил гардад ё бо сабаби азнавташкилдиҳии (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо кардан, табдил додани) ташкилот ё тағйир ёфтани навъи фаъолияташ идома додани амали он ғайриимкон бошад, соҳибмулки амвол бояд ҳамаи имтиёзҳои инфиродии кормандони дар шартнома муайянгардидаро нигоҳ дорад.

Дар муддати се моҳи аз рӯзи гузаштани ҳуқуқи соҳибмулкии ташкилот ба соҳибмулки нав дар байни ӯ ва мақомоти намояндагии кормандон шартномаи нави коллективӣ баста мешавад ва то баста шудани он ҳамаи ҳолатҳои шартномаи коллективии қаблан амалкунанда риоя карда мешавад.

Дар ҳолати барҳамдиҳии ташкилот то ба охир расидани мӯҳлати амали шартномаи коллективӣ соҳибмулк ё мақомоти ваколатдори таъсисдиҳандаи ташкилот вазифадоранд, ки ба кормандон дар давоми мӯҳлати барҳамдиҳӣ маблағи барои ҳалли масъалаҳои инкишофи иҷтимоии коллектив, имтиёзҳои инфиродии дар шартномаи коллективӣ пешбинишударо пардохт намоянд.

## Боби 4. Назорат ва бақайдгирии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ

**Моддаи 24. Назорати татбиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ**

Назорати татбиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро комиссияҳои дахлдор оид ба танзими муносабатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, Тарафҳо (намояндагони онҳо), инчунин мақомоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда амалӣ менамоянд.

Назорати рафти иҷрои созашномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар

асоси Низомномаи комиссияи сетарафаи ҷумҳуриявӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 25. Бақайдгирии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ**

Созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ дар давоми даҳ рӯзи баъд аз имзо шуданаш бо намояндаи корфармо (корфармоён) барои бақайдгирии огоҳонӣ ба мақоми дахлдор оид ба меҳнат фиристода мешавад.

Бақайдгирӣ ба эътибори қонунӣ пайдо кардани созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ таъсир намерасонад.

Шартҳои созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ, ки ҳолати кормандонро нисбат ба қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ бад мекунанд, беэътиборанд ва набояд татбиқ карда шаванд.

**Моддаи 26. Масъулияти Тарафҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Дар сурати саркашӣ намудан аз музокирот ва бо иштибоҳи яке аз Тарафҳо иҷро нагардидани шартҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ Тарафи дигар ҳуқуқ дорад дар бораи ҷуброни зарари моддӣ дар натиҷаи ин амал расонидашуда тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи даъвоӣ пешниҳод намояд.

**Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ ва созишномаю шартномаҳои коллективӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1992 «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ ва созишномаю шартномаҳои коллективӣ» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1993, № 1 - 2, мод. 3; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод. 117, фасли XXVII) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумуҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш.Душанбе
28 июли соли 2006 №202

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои байни корфармоён ва кормандонро дар соҳаи ҳифзи меҳнат муқаррар намуда,бафароҳам овардани шароити меҳнатӣ ҷавобгӯи талаботи ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ равона гардидааст.

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ҳифзи меҳнат - системаи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ, санитарию гигиенӣ, табобатию пешгирӣ ва барқароркунӣ, ки мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд ва бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсонро дар ҷараёни меҳнат таъмин мекунанд;

- шароити бехатарии меҳнат - шароити меҳнате, ки дар он таъсири омилҳои хатарнок ё зараровари истеҳсолӣ ба кормандон истисно карда шудааст ё дараҷаи таъсири онҳо аз меъёрҳои муқаррааргардида зиёд намебошад;

- омили хатарноки истеҳсолӣ - омили истеҳсолие, ки таъсири он ба корманд метавонад боиси ҷароҳати ӯ гардад;

- омили зараровари истеҳсолӣ - омили истеҳсолие, ки таъсири он ба корманд метавонад боиси беморшавии ӯ гардад;

- кафолатҳои ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат - шароит ва воситаҳое, ки имконияти пурраи истифода бурдан аз ҳуқуқҳои тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии муқарраргардида оид ба ҳифзи меҳнатро медиҳанд;

- ҷойҳои корӣ - ҳамаи ҷойҳое, ки дар онҳо кормандон бояд ба иҷрои кор машғул бошанд ва бевосита ё бавосита таҳти назорати корфармо қарор доранд;

- воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективии кормандон

- воситаҳое, ки барои пешгирӣ ё кам кардани таъсири омилҳои хатарнок ё зараровари истеҳсолӣ ба кормандон истифода бурда мешаванд;

- бемории касбӣ - бемори, ки бар асари таъсири омилҳои хатарнок ё зараровари истеҳсолӣ ба корманд пайдо шудааст;

- фаъолияти истеҳсолӣ - маҷмӯи амали одамон бо истифода аз олоти меҳнате, ки барои табдил додани заҳираҳо ба маҳсулоти тайёр зарур мебошад ва аз истеҳсолот ва коркарди навъҳои гуногуни ашёи хом, сохтмон, иҷрои корҳо ва иҷрои намудҳои гуногуни хизматрасонӣ таркиб меёбад;

- аттестатсияи ҷойҳои кор оид ба шароити меҳнат - системаи дар ҷойи мушаххаси кор ба ҳисоб гирифтан, таҳлил ва ба таври маҷмӯъ

арзёбӣ кардани ҳамаи омилҳои муҳити истеҳсолӣ, ҷараёни меҳнати вазнин ва пуршиддате, ки ба қобилияти корӣ ва саломатии корманд дар рафти фаъолияти меҳнатӣ таъсир мерасонанд;

- қоидаҳои ҳифзи меҳнат - санади меъёрии ҳуқуқии дорои талабот оид ба ҳифзи меҳнатест, ки иҷрояш барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳангоми машғул шудан бо ҳар намуди фаъолият, аз ҷумла дар мавриди тарҳрезӣ, сохтмон ва истифодаи объектҳо, ихтирои мошинҳо, механизмҳо ва таҷҳизоти дигар, таҳияи равандҳои технологӣ, ташкили истеҳсолот ва меҳнат ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи меҳнат**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи меҳнат ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур нисбати шахсони зерин татбиқ мегардад:

- корфармоён;

- кормандоне, ки бо корфармоён дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор доранд;

- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти касбии миёна ва муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ, умумии миёна дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва таҳсилоти истеҳсолӣ;

- хизматчиёни ҳарбӣ, ки ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва адои ӯҳдадориҳои дигаре, ки бо хизмати ҳарбӣ алоқаманд нестанд, бо тартиб ва бо шароитҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷалб карда мешаванд;

- шаҳрвандоне, ки мутобиқи хукми суд мавриди ҷазо қарор доранд ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба кори пардохтшаванда ҷалб карда мешаванд;

- шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ ҷалбкардашаванда.

2. Нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун кироякор дар дигар мамлакатҳо кор мекунанд, қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнати давлати корфармо амал мекунад, агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қоидаҳои пешбиникардаи Қонуни мазкур қоидаҳои дигар муқаррар гардида бошанд, қоидаҳои шартномаи байналмилалӣ амал мекунанд.

5. Санадҳои меъёрие, ки мутобиқи Қонуни мазкур таҳия мегарданд, ҳуқуқ ба муҳофизати ҳаёт ва саломатии кормандонро бояд на камтар аз кафолатҳои дар Қонуни мазкур пешбинигардида таъмин кунанд.

**Моддаи 4. Принсипҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат**

1. Принсипҳои асосӣ ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат инҳоянд:

- таъмини ҳуқуқи конститутсионии кормандон барои ҳифзи меҳнат ва ҳифзи саломатӣ;
- қабул ва татбиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи меҳнат, инчунин барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ оид ба беҳдошти шароит ва ҳифзи меҳнат;
- муқаррар ва таъмин кардани кафолати ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат;
- идораи давлатии ҳифзи меҳнат;
- иштироки давлат дар маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҳифзи меҳнат;
- назорати давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи меҳнат;
- таҳия ва муқаррар намудани меъёрҳои ягонаи талабот оид ба ҳифзи меҳнат;
- аз тарафи давлат таъмин гардидани ҳамкории байни корфармоён ва кормандон ва (ё) намояндагони онҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат;
- коркард ва татбиқи техника ва технологияҳои бехатар, ҳавасмандгардонии истеҳсоли воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективии кормандон;
- ҷавобгарии пурраи корфармо барои таъмини шароити солим ва бехатарии меҳнат;
- муқаррар намудани тартиб ва назорати тафтиши ҳатмии ҳар як ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ва бемории касбӣ;
- муқаррар кардани имтиёзҳо ва ҷуброн барои кор дар шароити хатарнок ё зараровари меҳнат;
- ҳифзи иҷтимоии кормандон, ҷуброни пурраи зарар ба шахсони аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ зарардида;
- тайёр намудан ва такмили иҳтисоси мутахассисон оид ба ҳифзи меҳнат;
- паҳнкунии таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷии корҳо оид ба беҳтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнат;
- муқаррар намудани системаи нишондиҳандаҳои шароит ва ҳифзи меҳнат, ҳисоботи омории давлатӣ оид ба ин масъалаҳо, инчунин дар

бораи ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ;

- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат, татбиқи созишномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат.

2. Татбиқи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат тавассути амалӣои мувофиқашудаи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корфармоён, иттиҳодияҳои корфармоён, инчунин иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ва мақомоти дигари намояндагии ваколатдори кормандон оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат таъмин карда мешавад.

## Боби 2. Идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат

### Моддаи 5. Идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат

1. Идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат аз татбиқи принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат, таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии дигар, инчунин талабот ба воситаҳои истеҳсолот, технология ва ташкили меҳнат, ки ба ҳамаи кормандон шароити бехатар ва солими меҳнатро кафолат медиҳанд, ташкил ва амалӣ намудани назорати давлатии риояи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои дигар оид ба ҳифзи меҳнат иборат мебошад.

2. Идоракунии давлатии ҳифзи меҳнатро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом медиҳанд.

### Моддаи 6. Ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи меҳнат

Ба ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи меҳнат дохил мешаванд:

- татбиқ намудани самтҳои асосии сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат;
- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи ҳифзи меҳнат дар доираи салоҳияти худ;
- муайян намудани асосҳои идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат;
- мусоидат ба таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ оид ба беҳдошти шароит ва ҳифзи меҳнат ва назорати иҷрои онҳо;
- муайян намудани хароҷот барои ҳифзи меҳнат аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ;
- муайян кардани сохтор, вазифаҳо, ӯҳдадориҳо ва ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат;
- таъмини ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корфармоён, иттиҳодияҳои корфармоён, инчунин иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ва мақомоти дигари намояндагии ваколатдори кормандон дар татбиқи сиёсати давлатии ҳифзи меҳнат;

- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат;
- ваколатҳои дигари дар соҳаи ҳифзи меҳнат.

**Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат**

1. Барои татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат таъсис дода мешавад.

2. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат аз инҳо иборатанд:

-таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва бо тартиби муқараргардида ба Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон пешниҳод намудани онҳо;

-таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат дар доираи салоҳияти худ;

-ҳамоҳангсозии корҳои вазорату идораҳо дар соҳаи ҳифзи меҳнат;

-ташкил ва сертификатсияи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо;

-экспертизаи давлатии шароити меҳнат дар ташкилотҳои амалкунанда ва навтаъсисёфта, новобаста аз шакли моликияти онҳо;

-ба роҳ мондани назорати давлатӣ аз рӯи риояи қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат;

-дар мувофиқа бо мақомоти давлатии омор таҳия ва қабули шаклҳои ҳисоботи давлатии омории нишондиҳандаҳои шароитҳо ва ҳифзи меҳнат, ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ;

-таҳияи тартиби тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ;

-таҳия ва қабули қоидаҳои байнисоҳавӣ ва санадҳои ташкилию методӣ оид ба ҳифзи меҳнат;

-тасдиқ намудани меъёрҳои намунавии соҳавии ба кормандон ройгон додани воситаҳои муҳофизати инфиродӣ;

-ҳамоҳангсозӣ ва гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат;

-таҳияи барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва ҳифзи он;

- ваколатҳои дигари соҳаи ҳифзи меҳнат.

**Моддаи 8. Вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ татбиқи самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи меҳнат таъмин менамоянд.

## Боби 3. Ҳуқуқ ва кафолати ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат

**Моддаи 9. Ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ**

1. Ҳар як корманд дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ба ҷойи корӣ аз

таъсири омилҳои хатарнок ва зараровари истеҳсолӣ муҳофизатшуда ҳуқуқӣ дорад.

2. Ҳангоми ба кор қабул намудани корманд корфармо вазифадор аст, ки дар шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ нишондиҳандаҳои дақиқ ва тавсифи шароити меҳнат, имтиёз ва ҷуброни шароити меҳнати хатарнок ва зараровар, воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, имкони сар задани бемориҳои касбӣ, чораҳои ҷавобгарии корфармо ва кормандро барои риоя накардани талабот оид ба ҳифзи меҳнати дар шартномаи (қарордоди) меҳнатии басташуда зикргардидаро дарҷ намояд.

**Моддаи 10. Ҳуқуқи кормандон ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, бемориҳои касбӣ ё дигар сабабҳои носолимии вобаста бо иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ**

Ҳамаи кормандон аз ҷониби корфармо тибқи тартиб ва шартҳое, ки дар қонунгузорӣ ва шартномаи коллективӣ (созишнома) пешбинӣ гардидаанд, ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ё дигар сабабҳои носолимии вобаста бо иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ бояд фаро гирифта шаванд.

**Моддаи 11. Таъмини ҳуқуқи корманд дар ҳолати боздоштан ё қатъ гардидани фаъолияти ташкилот дар натиҷаи риоя нашудани талаботи ҳифзи меҳнат**

1. Дар давраи боздоштани фаъолияти ташкилот, сохторҳои зертобеи он ё муваққатан манъ намудани фаъолияти корманд дар ҷойи кор аз тарафи мақоми назорати давлатӣ ё ҳадамоти ҳифзи меҳнати ташкилот ҷойи кор ва музди миёнаи меҳнати корманд нигоҳ дошта мешаванд.

2. Ҳуқуқҳои корманд дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти ташкилот мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя карда мешаванд.

**Моддаи 12. Ҳуқуқи кормандоне, ки дар корҳои бо шароити меҳнати хатарнок ё зараровар машғуланд, барои гирифтани имтиёзҳо ва ҷуброн**

1. Кормандоне, ки дар корҳои бо шароити меҳнати хатарнок ё зараровар машғуланд ба таъминоти ройгони хӯроки табобатию профилактикӣ, шир ва дигар маводи озуқавории мувофиқ, рӯзи кӯтоҳи корӣ, рухсатии иловагии меҳнатии пардохтшаванда ва дигар имтиёзҳову ҷуброниҳо тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҳуқуқ доранд.

2. Номгӯи истеҳсолот, касбҳо ва категорияҳои кормандони ба

имтиёзҳо ва ҷуброн барои кор дар шароити хатарнок ё зараровари меҳнат ҳуқуқдошта, намудҳо ва ҳаҷми имтиёзҳо ва ҷубронӣоро қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Моддаи 13. Ҳуқуқ ба ҷуброни зарари дар истеҳсолот ба саломатиикорманд расида**

1. Корманде, ки маъюбӣ, бемории касбӣ ё дигар иллати саломатии ба фаъолияти меҳнатӣ алоқамандбударо гирифтааст (инчунин аъзои оилаи ҷабрдида дар ҳолати фавти ӯ), ба гирифтани ҷуброни зарари расида ҳуқуқ дорад.

2. Тартиб ва андозаи ҷуброни зарар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Мутобиқи шартномаи коллективӣ ё созишнома метавонад ҳаҷм ва андозаи ҷуброни зарари ба ҷабрдида пардохтшаванда зиёд карда шавад.

**Моддаи 14. Кафолатҳои давлатӣ дар таъмини ҳуқуқи корманд ба ҳифзи меҳнат**

Бо мақсади таъмини ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат давлат кафолат медиҳад:

- норавоии тағйирот дар қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат дар самти бадгардонии ҳуқуқҳои муқarrаргардида ба ҳифзи меҳнат;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат, ки ба беҳдошти шароити меҳнат ва боло бурдани сатҳи бехатарии истеҳсолот нигаронида шудаанд;
- ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии иҷтимоии кормандон аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ;
- муҳофизати судии ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат аз амалӣои ғайриқонунии корфармоён ва шахсони мансабдор;
- амалӣ намудани назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи ҳифзи меҳнат;
- татбиқи муҷозоти иқтисодӣ нисбат ба корфармоёне, ки талаботи қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнатро вайрон намудаанд;
- эътироф ва таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии ваколатдори кормандон нисбат ба фаъолияти онҳо оид ба ҳифзи меҳнати кормандон.

## Боби 4. Таъмини ҳифзи меҳнат

**Моддаи 15. Талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат**

1. Талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнати дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта қоидаҳо, тарзҳо ва меъёрҳои ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ нигаронидашударо муқаррар мекунад.

2. Иҷрои талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар пешбурди ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла лоиҳакашӣ,

сохтмон (азнавсозӣ) ва истифодабарии иншоот, тарҳрезии мошинҳо, механизмҳо ва таҷҳизоти дигар, таҳияи ҷараёни технологӣ, ташкили истеҳсолот ва меҳнат ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 16. Хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо**

1. Барои ташкили кори ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо бо теъдоди кормандон зиёда аз 100 нафар хадамоти ҳифзи меҳнат, ки бевосита ба роҳбари ташкилот тобеъ мебошад, ташкил карда мешаванд. Дар мавриди аз 100 нафар камтар будани шумораи кормандон корфармо дар бораи таъсиси хадамоти ҳифзи меҳнат ё ҷорӣ намудани вазифаи мутахассис оид ба ҳифзи меҳнат вобаста ба хусусияти фаъолияти истеҳсолии ташкилот қарорро қабул мекунад ё ӯҳдадориҳо оид ба ҳифзи меҳнатро ба зиммаи дигар мутахассис вогузор мекунад. Низомномаи намунавии хадамоти ҳифзи меҳнат дар ташкилот аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат тасдиқ карда мешавад.

2. Дар ҳайати хадамоти ҳифзи меҳнати ташкилот вобаста ба хусусияти истеҳсолот ё дар сурати бештар аз 1000 нафар будани шумораи кормандон вазифаи духтур оид ба гигиенаи меҳнат ҷорӣ карда шуда, лабораторияи саноатию санитарӣ таъсис дода мешавад. Дар мавриди кам будани теъдоди кормандон, вале мавҷудияти омилҳои зарарноки истеҳсолӣ, чунин лабораторияҳо метавонанд аз ҷониби якчанд ташкилот тибқи принсипи соҳавӣ ташкил карда шаванд.

3. Барҳам додани хадамоти ҳифзи меҳнати ташкилотҳо танҳо дар мавриди қатъ гардидани фаъолияти онҳо мумкин мебошад. Масъалаҳои марбут ба таъсис ё азнавтаъсисдиҳии хадамоти ҳифзи меҳнатро маъмурият ва кумитаи иттифоқи касабаи ташкилот ҳал мекунанд.

**Моддаи 17. Кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат**

1. Дар ташкилотҳо бо ташаббуси корфармо ва (ё) кормандон ё итифоқҳои касаба ё мақомоти дигари намояндагии ваколатдори кормандон кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат таъсис дода мешаванд. Ба ҳайати онҳо дар асоси баробарӣ намояндагони корфармоён, иттифоқҳои касаба ё дигар мақомоти намояндагии ваколатдори кормандон шомил мегарданд.

2. Кумита (комиссия) оид ба ҳифзи меҳнат фасли шартномаи коллективӣ (созишномаи) оид ба ҳифзи меҳнатро таҳия мекунад, амалӣои муштараки корфармо ва кормандонро оид ба таъмини талаботи ҳифзи меҳнат, пешгирӣ аз маъюбшавии истеҳсолӣ, бемориҳои касбӣ, инчунин гузаронидани тафтиши шароит ва ҳифзи меҳнат дар ҷойҳои корӣ ва иттилоотонидани кормандонро аз натиҷаҳои тафтишоти мазкур ташкил мекунад.

**Моддаи 18. Ӯҳдадориҳои корфармо оид ба таъмини ҳифзи меҳнат**

1. Ӯҳдадориҳо оид ба таъмини ҳифзи меҳнат ба зиммаи корфармо гузошта мешаванд.

2.Корфармо дар таъмини ин корҳо вазифадор аст:

- шароити дахлдори бехатар ва ҳифзи меҳнатро дар ҳар як ҷойи корӣ;
- бехатарии кормандон дар истифодаи биноҳо, иншоот, таҷҳизот, амалӣ намудани ҷараёни технологӣ, инчунин ашёи хом ва маводи дар истеҳсолот истифодашаванда;
- истифодаи воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективии кормандон;
- низоми меҳнат ва истироҳати кормандон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таълими усулҳо ва тарзҳои бехатари иҷрои корҳо, дастурдиҳӣ оид ба ҳифзи меҳнат, таҷрибаомӯзӣ дар ҷойҳои кории кормандон ва санҷиши дониши онҳо доир ба талаботи ҳифзи меҳнат, ба кор роҳ надодани шахсоне, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз таълим, дастурдиҳӣ, таҷрибаомӯзӣ ва санҷиши донишҳо оид ба талаботи ҳифзи меҳнат нагузаштаанд;
- мунтазам, на камтар аз як маротиба дар панҷ сол, гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ оид ба шароити меҳнат бо сертификатсияи минбаъдаи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилот;
- ба мақомоти идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат, мақомоти назорати давлатии риояи талаботи ҳифзи меҳнат пешниҳод кардани иттилоот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои амалӣ намудани ваколатҳои онҳо;
- тафтишоти ҳодисаҳои ноҳуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- хизматрасонии санитарию маишӣ ва муолиҷавию профилактики кормандон мутобиқи талаботи ҳифзи меҳнат;
- бемамоният роҳ додани шахсони мансабдори мақомоти идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат, назорати давлатии риояи талаботи ҳифзи меҳнат, суғуртаи иҷтимоӣ, инчунин намояндагони мақомоти назорати ҷамъиятӣ бо мақсади гузаронидани санҷиши шароит ва ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо ва тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, бемориҳои касбӣ;
- иҷрои дастурҳои шахсони мансабдори мақомоти назорати давлатии риояи талаботи ҳифзи меҳнат ва баррасии пешниҳоди мақомоти назорати ҷамъиятӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ;
- суғуртаи ҳатмии иҷтимоии кормандон аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва аз бемориҳои касбӣ;
- шиносоии кормандон бо талаботи ҳифзи меҳнат.

3. Дар қонунҳо, шартномаҳои коллективӣ ё меҳнатӣ (созишномаҳо) бо назардошти хусусияти фаъолият ва намудҳои кор, мавҷудияти манбаҳои хатари ҷиддӣ метавонанд барои корфармо ӯҳдадориҳои иловагӣ пешбинӣ гарданд.

**Моддаи 19. Ӯҳдадориҳои корманд дар соҳаи ҳифзи меҳнат**

1. Корманд ӯҳдадор аст:
- талаботи ҳифзи меҳнатро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудаанд, риоя намояд;
- аз муоинаи ҳатмии пешакӣ (ҳангоми ба кор қабул шудан),

марҳилавӣ (дар давоми фаъолияти меҳнатӣ), инчунин аз муоинаи пешазбастии тиббӣ (ташхисӣ) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ гузарад;

- аз дастурдиҳиҳо ва омӯзишҳо оид ба ҳифзи меҳнат ва усулҳои бехатари иҷрои корҳо, таҷрибаомӯзӣ дар ҷойи кори ва санҷиши доимии донистани талаботи ҳифзи меҳнат гузарад;

- нишондодҳои муассисаҳои тандурустиро ҷиҳати татбиқи тадбирҳои муолиҷавӣ ва солимгардонӣ, дар ҳолати аз ҷониби корфармо маблаҷгузорӣ шудани онҳо, иҷро намояд.

2. Донистани қоидаҳо ва меъёрҳо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат қисми таркибии талаботи тахассусии пешниҳодшаванда ба корманд маҳсуб меёбад ва дар дастурамали вазифавие, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ карда мешавад, қайд мегардад.

**Моддаи 20. Муоинаи тиббии баъзе категорияҳои кормандон**

Муоинаи тиббии баъзе категорияҳои кормандон тибқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 21. Тайёрии ҳатмии махсус ва касбӣ оид ба ҳифзи меҳнат**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёрии мутахассисонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ҷиҳати фаъолият дар хадамоти ҳифзи меҳнат таъмин менамояд.

2. Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии ҷумҳурӣ бояд омӯзиши курси "Ҳифзи меҳнат"-ро барои хонандагон ва донишҷӯён бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолотии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ташкил намоянд.

3. Иҷозати кор додан ба шахсоне, ки тайёрии зарурии касбӣ надоранд ва мувофиқи тартиби муқарраргардида аз таълим ва аттестатсия оид ба ҳифзи меҳнат нагузаштаанд, манъ аст.

4. Барои тамоми кормандони ба кор нав қабулшаванда, инчунин кормандони ба кори дигар гузаронида шуда маъмурияти ташкилот вазифадор аст, ки оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат дастурдиҳӣ гузаронад, инчунин дар ҷойҳои кор омӯзиши онҳоро ташкил намояд.

5. Маъмурияти ташкилот вазифадор аст, ки оид ба ҳифзи меҳнат ва баланд бардоштани ихтисоси кормандон системаи омӯзиши мунтазамро ташкил намояд.

6. Роҳбарони ташкилотҳо, муовинони онҳо, ки масъули ташкили ҳифзи меҳнатанд, роҳбарон, мутахассисони ҳадамоти ҳифзи меҳнат мунтазам, на кам аз як маротиба дар панҷ сол, бояд аз курсҳои такмили ихтисос оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат гузаранд.

**Моддаи 22. Танзими масъалаҳои ҳифзи меҳнати ноболиғон, занон ва маъюбон**

Танзими масъалаҳои ҳифзи меҳнати ноболиғон, занон ва маъюбон

тибқи Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 23. Мутобиқати объектҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот, равандҳои технологӣ ва маҳсулот ба талаботи ҳифзи меҳнат**

1. Лоиҳаҳои сохтмон ва таҷдиди объектҳои истеҳсолотӣ, инчунин мошинҳо, механизмҳо ва таҷҳизоти дигари истеҳсолотӣ, равандҳои технологҷ ба талаботи ҳифзи меҳнат бояд мутобиқ бошанд.

2. Сохтмон, таҷдид, азнавҷиҳозонии техникии иншооти истеҳсолотӣ, истеҳсол ва татбиқи техника ва технологияи нав бе хулосаи экспертизаи давлатии шароити меҳнат дар бораи мутобиқати лоиҳаҳои дар қисми 1 ҳамин модда нишон додашуда, ба талаботи ҳифзи меҳнат, инчунин бе иҷозати мақомоти дахлдори назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи ҳифзи меҳнат манъ карда мешаванд.

3. Иншооти нав ё таҷдидшавандаи истеҳсолотӣ бе хулосаи мақомоти дахлдори назорати давлатии риояи талаботи ҳифзи меҳнат наметавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

4. Дар истеҳсолот истифода бурдани моддаҳои хатарнок ё зараровар, мавод, маҳсулот, мол ва хизматрасониҳое, ки барои онҳо усулҳо ва воситаҳои назорати метрологӣ таҳия нагардидаанд ва баҳодиии токсикологии (санитарию гигиенӣ ва тиббию биологӣ) онҳо гузаронида нашудааст, манъ аст.

5. Дар ҳолати истифодаи моддаҳои нави пеш дар ташкилот истифоданашудаи хатарнок ё зараровар, корфармо вазифадор аст, ки то истифодаи моддаҳои мазкур оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон тадбирҳо андешад ва онҳоро бо мақомоти даҳлдори назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи ҳифзи меҳнат мувофиқа кунад.

6. Мошинҳо, механизмҳо ва таҷҳизоти истеҳсолии дигар, воситаҳои нақлиёт, равандҳои технологӣ, мавод ва ашъёи химиявӣ, воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективии истеҳсоли ватанӣ ва хориҷии кормандон бояд ба талаботи ҳифзи меҳнат, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, мутобиқ бошанд ва иҷозатномаи мутобиқат дошта бошанд.

**Моддаи 24. Сарчашмаҳои маблағгузории ҳифзи меҳнат**

1. Маблағгузории ҳифзи меҳнат аз ҳисоби маблағҳои ҳамасолаи пешбинишавандаи буҷети давлатӣ, корфармоён ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нанамудааст, сурат мегирад.

2. Маблағгузории ҳифзи меҳнат, ки дар буҷетҳои дахлдор бо сархати алоҳида ҷудо карда мешавад, барои нигоҳдории мақомоти идоракунии ҳифзи меҳнат, гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ, иҷрои барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат истифода бурда мешавад.

3. Ҳар як ташкилот ҳар сол барои ҳифзи меҳнат дар ҳаҷми муайянгардида дар асоси шартномаи коллективӣ (созишнома) маблағҳои зарурӣ ҷудо менамояд. Кормандони ташкилот ба ин мақсад ягон хароҷоти иловагиро анҷом намедиҳанд.

## Боби 5. Назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи меҳнат

**Моддаи 25. Мақомоти назорати давлатии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ дар бораи ҳифзи меҳнат**

1. Назорати давлатии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ дар бораи ҳифзи меҳнатро мақомоти махсуси аз тарафи давлат ваколатдор, ки дар фаъолияташон аз ташкилотҳо ва мақомоти болоӣ вобаста нестанд, амалӣ менамоянд. Онҳо тибқи қарорҳои мақомотӣ ҳокимияти давлатӣ ва идоравӣ таъсис дода мешаванд ва дар асоси низомнома амал мекунанд.

2. Шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори назорати давлатии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои худ ҳуқуқ доранд:

- бемамоният, дар сурати иҷрои талаботи қонунгузорӣ, бо доштани ҳуҷҷатҳои дахлдор бо мақсади гузаронидани санҷиши ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, ба ташкилот ворид шаванд;

- аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ҳуҷҷатҳо, маълумотро, ки барои иҷрои вазифаҳои назоратӣ зарур мебошанд, дархост кунанд ва ба таври ройгон дастрас намоянд;

- ҷиҳати таҳлил намунаҳои мавод ва моддаҳои истифодашаванда ё коркардшавандаро гиранд;

- бо тартиби муқарраргардида ҳодисаҳои нохушро дар истеҳсолот тафтиш намоянд;

- ба роҳбарон ва шахсони мансабдори дигари ташкилотҳо амрномаҳои иҷрояшон ҳатмиро ҷиҳати бартарафсозии қонунвайронкуниҳо оид ба ҳифзи меҳнат, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ба қонунвайронкуниҳои мазкур гунаҳгор ё аз вазифа озод намудани онҳо, бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намоянд;

- кори ташкилот, сохторҳои алоҳидаи истеҳсолӣ ва таҷҳизотро дар мавриди ошкор шудани вайронкунии талаботи ҳифзи меҳнат, ки ба ҳаёт ва саломатии кормандон таҳдид мекунад, то бартараф гардидани вайронкуниҳои мазкур боздоранд;

- истифода ва истеҳсоли воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективии кормандонро, ки сертификати мутобиқат надоранд ё ба талаботи ҳифзи меҳнат мувофиқ нестанд, манъ кунанд;

-ҳангоми муайян намудани вайронкунӣ дар ташкил ва гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ оид ба шароити меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ натиҷаҳои онро бекор мекунанд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсонро бинобар вайрон кардани талаботи ҳифзи меҳнат ба ҷавобгарии маъмурӣ кашанд, инчунин ҳангоми мавҷуд будани аломати ҷиноят маводро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони мазкур ирсол намоянд;

- дар мурофиаи судӣ ба ҳайси коршиноси судӣ аз рӯи даъво дар бораи

вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат ва ҷуброни зарари дар истеҳсолот ба саломатии корманд расида баромад намуда, хулоса диҳанд.

3. Иҷрои қарорҳои шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори назорати давлатии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ дар бораи ҳифзи меҳнат, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул карда шудааст, ҳатмӣ мебошад.

4. Шикоят бурдан аз болои қарорҳои шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори назорати давлатии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ дар бораи ҳифзи меҳнат тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар мақомоти болоӣ ё суд сурат мегирад.

**Моддаи 26. Экспертизаи давлатии шароити меҳнат**

1. Бо мақсади назорати шароит ва ҳифзи меҳнат, сифати гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат, саҳеҳияти пардохти ҷубронпулӣ барои корҳои вазнин ва корҳои дорои шароити хатарнок ё зараровари меҳнат, инчунин омода намудани таклифҳо дар бораи дохил кардани ташкилот ба гурӯҳи хатарноки касбӣ, мутобиқи натиҷаҳои сертификатсияи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори назорати давлатии риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ дар бораи ҳифзи меҳнат экспертизаи давлатии шароити меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

2. Хулосаи экспертизаи давлатии шароити меҳнат барои аз тарафи суд баррасӣ гардидани масъала дар бораи барҳам додани ташкилот ё сохтори он дар мавриди ошкор шудани вайронкунии талаботи ҳифзи меҳнат асоси воқеӣ маҳсуб меёбад.

3. Экспертизаи давлатии шароити меҳнат дар ҷойҳои корӣ ҳангоми лоиҳакашии сохтмон ва таҷдиди объектҳои истеҳсолотӣ, ҳангоми иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, инчунин бо дархости мақомоти судӣ, мақомоти идоракунии ҳифзи меҳнат, корфармоён, иттиҳодияҳои корфармоён, кормандон, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ва дигар мақомоти намояндагии кормандон ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 27. Назорати ҷамъиятии риояи талаботи ҳифзи меҳнат**

1. Назорати ҷамъиятии риояи меъёру қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии кормандон ба амал бароварда мешавад, ки бо ин мақсад ҳуқуқ доранд бозрасии худиро таъсис диҳанд, инчунин шахсони ваколатдор (боваринок)-ро оид ба ҳифзи меҳнат интихоб намоянд.

2. Нозирон ва шахсони ваколатдор (боваринок) оид ба ҳифзи меҳнати иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии ваколатдори кормандон ҳуқуқ доранд:

- аз ҷониби корфармоён риоя гардидани қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнатро назорат кунанд;

- экспертизаи мустақилонаи шароити меҳнат ва таъмини бехатарии кормандони ташкилотро гузаронанд;

- дар тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ иштирок кунанд, инчунин мустақилона онҳоро тафтиш намоянд;

- аз роҳбарон ва шахсони мансабдори дигари ташкилот оид ба шароит ва ҳифзи меҳнат, инчунин дар бораи ҳамаи ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ маълумот гиранд;

- дар бораи боздоштани корҳо дар ҳолатҳои таҳдид ба ҳаёту саломатии кормандон талаботро пешниҳод кунанд;

- ба корфармоён дар бораи бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат додани амрномаҳои ҳатмиро ба амал бароранд;

- тафтиши шароит ва ҳифзи меҳнат, иҷрои ӯҳдадориҳои корфармоёнро оид ба ҳифзи меҳнат, ки тибқи шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо пешбинӣ шудаанд, таъмин намоянд;

- дар кори комиссияҳо оид ба санҷиш ва ба истифода додани иншооти истеҳсолотӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ ба ҳайси коршиносони мустақил иштирок намоянд;

- дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои зерқонунӣ дар бораи ҳифзи меҳнат иштирок намоянд, инчунин онҳоро бо тартиби муқарраргардида мувофиқа кунанд;

- ба мақомоти дахлдор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар вайронкунии талаботи ҳифзи меҳнат айбдоранд, ҳодисаҳои нохуши дар истеҳсолот рухдодаро пинҳон медоранд, бо талабот муроҷиат намоянд;

- дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, ки ба вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат, ӯҳдадориҳои пешбинигардидаи шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, инчунин тағйирёбии шароити меҳнат алоқаманд мебошанд, иштирок кунанд;

- дигар ҳуқуқҳо ва вазифаҳои иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандонро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян менамоянд.

3. Иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии кормандон ҳуқуқ доранд бемамоният дар ташкилот риояи талаботи ҳифзи меҳнатро санҷида, таклифи баррасияш барои шахсони мансабдор ҳатмиро оид ба бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат пешниҳод намоянд.

**Моддаи 28. Ҷуброни зарар вобаста ба маъюбӣ ё фавти корманд**

1. Ташкилот ё вориси ҳуқуқии он вазифадор аст, ки ба корманде, ки дар натиҷаи ходисаи нохуш дар истеҳсолот маъюб шудааст, илова ба маблағи ҷуброни зарари барои чунин ҳолатҳо муқарраршуда ба андозаи на камтар аз музди меҳнати панҷмоҳаи ҷабрдида кӯмакпулии якваќта пардохт намояд (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 882).

2. Ҳангоми фавти корманд, ба оилаи ӯ илова ба маблағе, ки барои шахсони дар таъминоти ӯ буда муқаррар шудааст, ба андозаи на камтар аз музди меҳнати ҳаштмоҳаи фавтида кӯмакпулии яквақта дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 882).

Тартиби додани чунин кумакпулиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд.

## Боби 6. Муқаррароти хотимавӣ

**Моддаи 29. Тартиби баррасии баҳсҳо дар соҳаи ҳифзи меҳнат**

Баҳсҳои дар соҳаи ҳифзи меҳнат бавуҷудомада тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

**Моддаи 30. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 31. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991 "Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1992, № 4, мод. 43; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 9, мод. 117, қ. XXV; с. 1998, № 10, мод. 119, қ. XI; с. 2007, № 3, мод. 163) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 32. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон                    Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
19 майи соли 2009, № 517

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ

**(Қонуни ҶТ аз 1.08.2003 № 35, аз 29.04.2006 № 187, аз 5.03.2007 № 244, аз 30.07.2007 № 332, аз 6.10.2008 № 440, аз 16.04.2012 № 824, аз 01.08.2012 № 893)**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқи, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи давлатии иҷтимоиро муайян мекунад ва амали он нисбати суғуртаҳои ихтиёрии иҷтимоӣ татбиқ намешавад.

## ФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи бемориӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (Конун аз 5.03.07с. № 244)**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошади (Конун аз 5.03.07с. № 244).

**Моддаи 3. Мафҳумҳои дар Қонун истифодашаванда**.

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

Суғуртакунанда - шаҳрвандон, ашхоси ҳуқуқи (корхона, муассиса, ташкилот ва дигар субъекти хоҷагидори, сарфи назар аз шакли моликият ва навъи фаъолият) ва ашхоси воқеи, ки шаҳрвандонро тибқи шартнома (қарордод) ба кироякори ҷалб мекунанд, аз ҷумла ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро анҷом медиҳанд, ба ҳисоб мераванд, ки ӯҳдадоранд мутобиқи қонунҳои ҷорӣ ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ саҳм ворид кунанд.

Муассисаи суғурта - шахси ҳуқуқӣ, ки фаъолияти суғуртаро мутобиқи қонунҳои ҷорӣ дар соҳаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом медиҳад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Шахси суғурташуда - шахси воқеӣ, ки ба манфиати ӯ суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода мешавад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Ҳодисаи суғурта - ҳодисаи рӯхдода, ки бо фаро расидани он ӯҳдадории суғуртакунанда оид ба пардохти суғурта ба шахси суғурташуда ё талофии хароҷоти масрафнамудаи ӯ ба миён меояд.

Пардохти суғурта - маблағи пулӣ, ки ҳангоми ба миён омадани ҳодисаи суғурта ба шахси суғурташуда тибқи ҳаҷм ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода мешавад.

Саҳми суғурта - пардохти ҳатмӣ барои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, ки суғуртакунанда вазифадор аст ба муассисаи суғурта гузаронад.

Тарифҳои саҳмияҳои суғурта - андозаи саҳмияи суғурта бо фоизи ба музди меҳнати (даромад) бо ҳама асосҳо ҳисобкардашуда ё ҳаҷми мушаххас барои категорияҳои алоҳидаи суғуртакунандагон.

Баҳисобгирии инфиродӣ - ташкил ва пешбурди баҳисобгирии маълумот оид ба ҳар як шахси суғурташуда бо мақсади суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Собиқаи суғурта - давомнокии маҷмӯи давраҳои пардохти саҳмияҳои суғурта барои шахси суғурташуда.

хорич карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

хорич карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

Суратҳисоби захиравии инфиродӣ - қисми махсуси ҳисобномаи захиравии инфиродие мебошад, ки дар он маблағи захираҳои ҳатмии нафақавӣ, даромадҳо аз сармоягузорӣ ва индексатсияи онҳо, инчунин пардохтҳо аз ҳисоби захираҳои нафақавӣ дарҷ гардидаанд.

хориҷ карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

**Моддаи 4. Принсипҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Принсипҳои асосии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ иборатанд аз:

хусусияти умумӣ ва ҳатмӣ доштани суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

кафолати давлатии нигоҳ доштани сатҳи бадастомадаи ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда;

табақабандии сатҳи ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда бо назардошти саҳми меҳнатии онҳо, сабабҳои ҳодисаҳои суғурта ва дигар омилҳо (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

масъулияти суғуртакунанда ва муассисаи суғурта ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои ашхоси суғурташуда;

масъулияти ашхоси суғурташуда, ки иштироки бевоситаашонро барои ба расмият даровардан ва маблағгузории суғуртакунии иҷтимоии худ пешбинӣ менамоянд;

баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии субъектҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;

иштироки намояндагони ҳамаи субъектҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (намояндагони давлат, суғуртакунанда, иттиҳодияҳои корфармоён ва кормандон дар симои шахси намоянда) (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

дастрасӣ ба дар таъмин ва татбиқи ҳуқуқи ашхоси суғурташуда ва ташкили назорати низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

махсус будани маблағҳои молиявии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва анҷом додани пардохтҳо ба ашхоси суғурташуда вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба суғуртаи иҷтимоӣ;

масъулияти давлат барои истифода, ҷойгирони ва ҳифзи воситаҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ.

**Моддаи 5. Ашхосе, ки бо суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифта мешаванд.**

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартномаи (қарордод) меҳнати кор мекунанд, (минбаъд-кормандон) ки дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, шаҳрвандони алоҳида, инчунин ашхосе, ки аъзои ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дар бар мегирад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти мехнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, мутобиқи Қонуни мазкур бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд. Тартиби суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоиро нисбати шахсони зикргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

**Моддаи 6. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои суғуртакунанда**

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

- шахсан аз тариқи намояндаи худ дар идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ иштирок намояд;
- аз муассисаи суғуртакунанда бидуни мамоният оид ба истифодаи маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ маълумот ба даст орад;
- ба ҳифзи судии ҳуқуку манфиатҳои худ.

Суғуртакунанда вазифадор аст:

- мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои дорои хусусияти мақсаднокро оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ба ашхоси суғурташуда пардозад;
- дар мӯҳлатҳои муайяншуда аз ҷониби тамоми ашхоси суғурташуда саҳмияҳои суғуртаро пардозад;
- ҷиҳати рафъи омилҳои номатлубе, ки ба тандурустии кормандон таъсир мерасонад, барои беҳбуди шароити фаъолияти иқтисоди ва рафъи ҳодисаҳои травматизми истеҳсолӣ ва бемориҳои касби тадбирҳои зарурӣ андешад;
- ба муассисаи суғурта оид ба маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъмини ҳуқуқи ашхоси суғурташуда ва иҷрои ӯҳдадориҳои суғуртакунанда аснод ва маълумотҳоро пешниҳод кунад;
- қарорҳои мақомоти суғуртаи иҷтимоиро оид ба масъалаҳое, ки таҳти салоҳияти онҳо қарор доранд, иҷро кунад;

баҳисобгирии суғуртаи давлатии иҷтимоиро анҷом дода ба муассисаи суғурта оид ба хароҷот ҳисобот диҳад.

**Моддаи 7. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муассисаи суғурта**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти ваколатдоре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (минбаъд - мақомоти ваколатдор), амалӣ карда мешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Муассисаи суғурта ҳуқуқ дорад:

- дар вазорату идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликияташон тафтиши асноди пулӣ, китобҳои муҳосибавӣ (бухгалтерӣ), журналӣ, сабт, ҳисобот, нақша, смета, декларатсияҳо ва дигар асноди вобаста ба ҳисоб ва пардохти ҳиссаҳои суғурта, таъмин ва пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳоро анҷом дода оид ба масъалаҳое, ки дар натиҷаи тафтиш ба миён меоянд, тавзеҳот, маълумотнома ва маълумотҳои заруриро ба даст орад;

хорич карда шуд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

- баҳисобгирии инфиродии саҳмияҳои пардохташудаи суғуртаро дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун анҷом диҳад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);
- аз шахсони воқеӣ ва шахсони мансабдори шахси ҳуқуқӣ рафъи вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи пардохти саҳмҳои суғурта ва хароҷоти ин маблағҳо ҷиҳати пардохти нафақа, кӯмакпулӣ ва ташкили солимгардонӣ талаб намояд (Конун аз 29.04.06с. № 187);
- бо тартиби муқарраршуда бақияпулиҳоро аз рӯи саҳми ҳисобкардашудаи муҷозотҳои молиявӣ, пеня ва гирифтани ҷарима аз шахсони мансабдоре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба суғуртаи иҷтимоӣ вайрон кардаанд, тибқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» рӯёнад (Конун аз 29.04.06с. № 187):

- фонди захиравӣ ва фонди рушд созмон диҳад (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- маблағи муваққатан озодро ба қоғазҳои қиматнок ва депозитҳои бонкҳо гузорад (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- захираҳои нафақавии шахсоии суғурташударо дар асоси шартномаҳои бо ширкатҳои идоракунанда басташуда тибқи шартҳои диверсификатсия нигоҳ дорад (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- даъво пешниҳод намояд ва ё дигар амалҳои ҳуқуқии барои ҳимояи манфиатҳои мақомоти ваколатдор заруриро пешбинӣ намояд (Конун аз 29.04.06с. № 187), (Конун аз 5.03.07с. № 244);

- дар ҳамкории байналмилалӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида ширкат варзад, таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар соҳаи таъмини нафақа ва суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ омӯзад ва истифода намонд (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- коршиносон, мутахассисон ва машваратчиён, аз ҷумла хориҷиёнро ба кор ҷалб намояд (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- дар таъсис додани муассисаҳои махсуси молиявие, ки ба аҳолӣ хизмати иҷтимоии суғуртавӣ мерасонанд, иштирок кунад (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба судҳо дар бораи ҷуброни зиёни (дар шакли пулӣ ва ғайрипулӣ) буҷети мақомоти ваколатдор ба тарзи маҷбуран ситонидани маблағи пардохтнашудаи саҳмҳои суғурта ва муҷозотҳои молиявӣ даъвои амволӣ пешниҳод кунад (Конун аз 29.04.06с. № 187), (Конун аз 5.03.07с. № 244);

- аз мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳо (васоят ва парасторӣ, сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) ҳуҷҷат ва маълумоти дахлдорро (маълумотнома, нусха ва дигар маълумот) талаб намояд, ки дар асоси онҳо таъин ё пардохти ин ё он намуди нафақа ё кӯмакпулӣ тибқи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода шудааст (анҷом дода мешавад) (Конун аз 29.04.06с. № 187);

хориҷ карда шуд (Конун аз 29.04.06с. № 187);

хориҷ карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

хориҷ карда шуд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

Муассисаи суғурта вазифадор аст:

- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳуқуқи ашхоси суғурташударо дар қисми таъминот бо нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпули оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳифз менамояд, иҷро кунад;

- тадбирҳои таъминкунандаи пойдории молиявии низоми суғуртаи давлатии иҷтимоиро амалӣ намояд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824);

-назорати баҳисобгирии дуруст, пардохти саривақтӣ ва гузаронидани саҳмияҳои суғуртаро оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом диҳад;

- саҳеҳии ҳисоб ва сари вақт баҳисобгирӣ ва пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳоро ба ашхоси суғурташуда таъмин намояд;

- ба мақомоти болоӣ ҷиҳати тасдиқи ҳисобу китоб ва воридоти пардохтҳои оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ сари вақт ҳисобот пешниҳод кунад.

**Моддаи 8. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ашхоси суғурташуда**

Ашхоси суғурташуда ҳуқуқ доранд:

аз суғуртакунанда бидуни мамоният оид ба ташаккули маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ маълумот ба даст оварда, хароҷоти онро назорат кунанд;

аз суғуртакунанда пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳоро тибқи ҳаҷм ва мӯҳлатҳои муайяншуда талаб намоянд;

сари вақт ва дар ҳаҷми муайяншуда оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кӯмакпулиҳо гиранд;

ҳуқуқи худро шахсан ё аз тариқи намояндагии худ, аз ҷумла тибқи тартиби суди ҳимоя кунанд;

шахси бовариноки худро ҷиҳати иштирок дар тафтиши ҳодисаҳои суғурта сафарбар намоянд;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ба сифати суғуртакунанда баромад кунад (Конун аз 29.04.06с. № 187).

Ашхоси суғурташуда ӯҳдаоранд:

Саҳмияҳои суғуртаи муқаррарнамудаи қонунҳоро ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардозанд;

сари вақт ба суғуртакунанда асноди саҳеҳро, ки барои таъин намудани пардохтҳои нафақа, кӯмакпули ва ҷубронпулиҳо заруранд, пешниҳод намоянд;

шартҳои муайяншударо барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо риоя кунанд.

## ФАСЛИ 2. НАВЪ ВА АНДОЗАИ ТАЪМИНОТ МУТОБИҚИ СУҒРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 9. Навъҳои таъминот оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зайли таъминот оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд:

таъминоти нафақа;

кӯмакпули барои корношоямии муваққати;

кӯмакпулии ҳомиладори ва таваллуд;

кӯмакпулиҳои оилави;

кӯмакпули ба сабаби бекори;

кӯмакпули барои дафн (кӯмакпулии маросими);

хароҷоти маблаҷҳо барои тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо, инчунин барои татбиқи дигар тадбирҳо, ки ба вазифа ва функсияҳои оид ба ҳифзи меҳнат ва тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо мувофиқ аст;

- иловапулиҳо ба нафақа аз ҳисоби маблағи андӯхти нафақаи ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ (Конун аз 29.04.06с. № 187);

дигар навъи пардохтҳо, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидаанд, инчунин таъминотҳои таъминкунандаи иҷрои вазифаҳои муассисаи суғуртакунанда.

**Моддаи 10. Тартиби пардохтҳо аз маблағи ҳисобномаҳои андӯхти инфиродии шаҳрвандон (Конун аз 29.04.06с. № 187)**

Муассисаи суғурта пардохтҳоро аз маблағи андӯхти нафака ба шахсони суғурташудае, ки ба синни муқарраргардидаи нафақа расидаанд ва тавассути корфармо ё мустақилона бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун саҳмҳои нафақа (суғурта)-ро ба ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ саривақт пардохт кардаанд, таъин ва таъмин менамояд.

Пардохт дар шаклҳои зайл анҷом дода мешавад:

- муқаррар намудани иловапулии мунтазам (ҳармоҳа) ба нафақаи меҳнатӣ;

- пардохти яквақтаи маблағи андӯхташуда;

- гузаронидани маблағи андӯхташуда ба фонди ғайридавлатии нафақаи интихобкардаи нафақахӯр.

Аз маблағи андӯхти нафақа, ки дар ҳисобномаи инфиродии шахси суғурташуда мавҷуд аст, ҳангоми расидан ба синни нафақа иловапулӣ ба нафақа таъин карда мешавад.

Тартиби пардохт ва андозаи иловапулии нафақаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Пардохти яквақтаи маблағи андӯхти инфиродӣ аз ҷониби муассисаи суғурта ҳангоме амалӣ карда мешавад, ки маблағи умумии андӯхташуда аз меъёре, ки барои таъини иловапулии ҳармоҳаи нафақа баробар ба ҳаҷми 36 - каратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз лаҳзаи бавуҷудоии ҳуқуқ ба иловапулӣ (аз лаҳзаи муроҷиат ба таъини иловапулӣ) муқаррар гардидааст, камтар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 440).

Пардохти яквақта аз ҷониби муассисаи суғурта дар асоси аризаи хаттии шахси суғурташуда ҳангоми расидан ба синни муқарраргардидаи нафақа ва пайдо гардидани ҳуқуқ ба гирифтани иловапулӣ дода мешавад. Пардохт бо роҳи гузаронидани маблағ ба ҳисобномае (пасандозе), ки шахси суғурташуда пешниҳод менамояд, анҷом дода мешавад.

Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағе, ки дар ҳисобномаи захиравии инфиродии шахси суғурташуда мавҷуд аст, дар асоси аризаи хаттии ӯ метавонад ба фонди ғайридавлатии нафақа, ки реквизитҳои онҳоро аризадиҳанда зикр менамояд, гузаронида шавад.

Фонди гайридавлатии нафақаро (ба истиснои фондхои ғайридавлатии нафакае. ки ба шахсони барои зисти доимӣ ба хориҷа сафаркунанда хизмат мерасонанд ва ҳуқуқ доранд фонди ғайридавлатии нафақаро вобаста ба маҳалли (кишвари) нави зист зикр

намоянд) шахси суғурташуда аз ҳисоби фондҳое метавонад интихоб намояд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Тартиб ва шарти гузаронидани маблағи андӯхти нафақаро ба фондҳои ғайридавлатии нафақа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар сурати пардохти маблағи андӯхти нафақавӣ мутобики қисмҳои панҷум, шашум ва ҳафтуми моддаи мазкур шахси суғурташуда ҳуқуқи худро барои муқаррар намудани иловапулӣ ба нафақаи меҳнатӣ аз маблағе, ки дар ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ мавчуданд, аз даст медиҳад (Конун аз 29.04.06с. № 187).

**Моддаи 10 (1). Хориҷ карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824)**

**Моддаи 10 (2). Рақами инфиродии суғуртаи иҷтимоӣ (Конун аз 29.04.06с. № 187)**

Дар низоми суғуртаи иҷтимоӣ барои ҳар як шахси суғурташуда рақами инфиродии суғурта гузошта мешавад, ки он ҳамзамон рақами ҳисобномаи андӯхти инфиродӣ мебошад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Зикри рақамҳои инфиродии суғуртаи иҷтимоӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии суғуртакунанда, муассисаи суғурта ва шахси суғурташуда ҳатмӣ мебошад.

Хориҷ карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

**Моддаи 11. Таъминоти нафақа**

Тартиби муқаррар намудан, таъин, ҳисобу китоб ва пардохти ҳамаи намудҳои нафақа бо қонун «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244).

**Моддаи 12. Кӯмакпули ҳангоми корношоямии муваққатӣ**

Ҳангоми беморӣ (ҷароҳат бардоштан), ки бо гум кардани қобилияти корӣ вобаста аст, дар вақти зарурати нигоҳубини узви бемории оила, карантин, протезгузорӣ, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ пардохта мешавад.

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ба андозаи зайл пардохт карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 893):

100 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандон ҳангоми бардоштани осеби меҳнатӣ ё бемориҳои касбӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки кор мекунанд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба кормандоне, ки аз минтақаи олудаи радиоактивӣ дар натиҷаи садамаи Чернобил ва минтақаҳои ба онҳо баробаркардашудаи офатҳои табиӣ ҳангоми гирифтор шудан ба бемориҳои узвҳои ҳосилкунандаи

хун (лейкози шадид), ҷадуди сипаршакл (аденома, саратон), варамҳои хатарнок кӯчонида шудаанд.

70 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи ҳаштсола ва беш аз он доранд;
- ба кормандоне, ки тахти сарпарастии худ се ва ё бештар фарзандони то 16-сола (ё хонандагони то 20-сола) доранд;
- ба кормандони ятим, ки ба синни 23 нарасидаанд.

60 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи то ҳаштсола доранд (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 893).

Агар корманд дар давраи кор, дар роҳ ҳангоми ба кор омадан, ҳамчунин ҳангоми аз кор ба хона рафтан, аз ҷумла рӯзи аз кор озод карда шуданаш муваққатан корношоям гардида бошад, ба гирифтани кӯмакпулӣ ҳақ дорад (Конун аз 29.04.06с. № 187).

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққкатӣ то барқарор гардидани қобилияти меҳнатӣ, вале ба муддати на зиёдтар аз чор моҳи бемории пай дар пай ва ҳангоми мубталои касалии сил будан ба муддати на бештар аз дувоздаҳ моҳ дода мешавад ва баъди ин кормандро барои муқаррар кардани маъюбӣ ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ мефиристанд (Конун аз 29.04.06с. № 187, аз 30.07.07с. № 332).

Кӯмакпули барои корношоямии муваққати аз рӯи ҳисоби якмоҳа назар ба андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, кам буда наметавонад (Конун аз 06.10.2008с. №440).

Барои таъини кӯмакпули барои корношоями муваққати варақаи корношоями (варақаи беморӣ), ки тибқи тартиби муқарраршуда дода шудааст, асос буда метавонад. Дар сурати гум кардани варақаи корношоями кӯмакпули тибқи нусхаи он (дубликат) пардохта мешавад.

Муайян кардани ҳаҷми собиқаи бефосилаи кори мутобиқи қоидаҳои ҳисобу китоби собиқаи бефосилаи кории кормандон ҳангоми таъини кӯмакпулиҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз рӯзи фаворасии корношоями ҳисоб карда мешавад.

Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо оид ба корношоямии муваққати дар корхонаҳо тибқи асноди меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Шахсони суғурташуда аз ҷумлаи соҳибкорони инфиродӣ тибқи тартиби умумӣ ба кӯмаклулӣ барои корношоямии муваққатӣ ҳуқуқ доранд. Кӯмакпулӣ ба шахсони мазкур ҳангоми пешниҳоди эъломияи суғуртаи иҷтимоӣ ба тариқи баҳисобгирии маблағи кӯмакпулии ба онҳо тааллуқдошта ба ҳисоби саҳмҳои пардохтшавандаи суғурта пардохта мешавад (Конун аз 29.04.06с. № 187)

**Моддаи 13. Кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд**

Кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд ба андозаи пурраи музди меҳнат барои тамоми давраи рухсатие, ки ба зан ба сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд дода мешавад, сарфи назар аз он, ки чанд рӯзи рухсати ба давраи пеш аз таваллуд ва чанд рӯзи он ба давраи пас аз таваллуд рост омадааст, пардохта мешавад.

**Моддаи 14. Кӯмакпулии оилавӣ**

Ҳангоми таваллуди кӯдак дар оила кӯмакпулии оилавии зайл пардохта мешавад:

кӯмакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак;

кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак.

Кӯмакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак ба андозаи зерин таъин карда мешавад:

ҳангоми таваллуди кӯдаки якум - ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Конун аз 06.10.2008с. №440);

ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм - ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Конун аз 06.10.2008с. №440);

ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёдаба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Конун аз 06.10.2008с. №440).

Кӯмакпули дар ҷои корӣ (таҳсили) яке аз волидайн, агар падару модар кор ё таҳсил накунанд - аз ҷониби шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳалли истиқомат пардохта мешавад.

Кӯмакпулии яквақта ҳангоми таваллуди кӯдак аз рӯзи таваллуди кӯдак таъин ва пардохта мешавад, агар муроҷиат барои гирифтани он на дертар аз шаш моҳи пас аз рӯзи таваллуди кӯдак сурат гирифта бошад.

Дар сурати додани рухсати ба зан барои нигоҳубини кӯдак то ба синни якунимсолагӣ расидани он барои ин мӯҳлат дар ҷои кор аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба андозаи 100 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ӯ кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак пардохта мешавад (Конун аз 06.10.2008с. №440).

**Моддаи 15. Кӯмакпули ба сабаби бекорӣ**

Кӯмакпули ба сабаби бекорӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва пардохта мешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244, аз 30.07.07с. № 332).

**Моддаи 16. Кӯмакпули барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 893)**

Кӯмакпули барои дафн (кӯмакпулии маросими) ба аъзои оилаи камбизоат дар ҳолати фавти корманди суғурташуда, ё худ дар ҳолати фавти аъзои оила, ки дар таъминоти ӯ мебошанд, дода мешавад. Андозаи кӯмакпули барои дафн баробари бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо аст (Қонуни ҶТ аз 06.10.2008с. №440, аз 01.08.2012 № 893).

Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиро барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 893).

**Моддаи 16 (1). Таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони суғурташуда (Конун аз 29.04.06с. № 187)**

Шахсони суғурташуда аз ҷумлаи соҳибкорони инфиродӣ ба кӯмакпулие, ки мутобиқи моддаҳои 12, 13, 14, 15 ва 16 Қонуни мазкур дар асосҳои умумӣ таъин карда мешавад, ҳуқуқ доранд. Кӯмакпулии таъингардидаро мақоми ваколатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мепардозад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Шахсоне, ки фаъолияти меҳнатиро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалии воқеъ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, ба гирифтани кӯмакпулӣ ҳуқуқ доранд, ба шарте, ки саҳмҳои суғуртаро корфармоён (суғуртакунандагони онҳо) мутобиқи Қонуни мазкур ва ё созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатии басташуда дар бораи тартиби суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳрвандони кишварҳое, ки ин созишномаҳоро имзо кардаанд, пардохта бошанд ва ё дар сурати аз тарафи ҳамин шахсон тибқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи андози иҷтимоӣ мустақилона пардохт шуда бошад.».

**Моддаи 17. Маблағгузории пардохтҳои дорои хусусиятҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохтҳои вобаста ба тандурустии ашхоси суғурташуда ва аъзои оилаи онҳо, ки таҳти сарпарастиашон қарор доранд (муолиҷаи санаторию курортӣ, ташкили фароғати кормандон ва аъзои оилаи онҳо, таъмини хӯроки парҳезӣ ва дигар тадбирҳои тундурустию пешгирикунанда), анҷом дода мешавад. Хароҷоти ин маблағҳо бевосита дар корхонаҳо аз ҷониби мақоми дахлдори намояндагӣ ба андоза ва тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад (Конун аз 30.07.07с. № 332).

Маблағҳои мақомоти ваколатдор, инчунин ба маблағгузории тадбирҳои зайл равона карда мешаванд (Конун аз 5.03.07с. № 244):

- барои ҳимояи ҳуқуқии аҳолӣ, таъминоти саҳми санаторию профилакторияҳо, лагерҳои тандурустӣ, қисман таъмин намудани штатҳои мактабҳои варзиши атфол ва ҷавонон, татбиқи дигар тадбирҳое, ки ба вазифаҳои ҳифзи меҳнат ва тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо марбутанд (Конун аз 29.04.06с. № 187, (Конун аз 30.07.07с. № 332);

- маблағгузории хароҷот оид ба омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии бекорон, аз ҷумла пардохти стипендия, пардохти

корҳои ҷамъиятӣ, таъсиси ҷойҳои кори барои шаҳрвандони бекоре, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд;

- таъмини худмашғулияти аҳолии бекор ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, барои фаъолияти илмию маблағгузории тадбирҳои ҳамкории бозори меҳнат, барои таъминоти хадамоти давлатии шуғл ва рушди байналхалқи оид ба масъалаҳои шуғл ва бекорӣ (Конун аз 29.04.06с. № 187);

- татбиқи барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ оид ба дастгирии иҷтимоии нафақахӯрон, маъюбон, атфол ва дигар гурӯҳҳои аҳолӣ;

- таъмини нигаҳдошти мақомоти идораи хадамоти мақомоти ваколатдор, тарбия ва бозомӯзии кадрҳо, рушди заминаи моддию техникии низоми фонд (Конуни ЧТ аз 5.03.2007 № 244, аз 16.04.2012 № 824);

- пардохти ҷубронпулӣ ба ивази роҳхатҳои истифоданашудаи муолиҷаи санаторию курорти ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ашхоси ба онҳо баробаркардашуда;

- пардохти қисми захиравии нафақаи меҳнати. (Қонун аз 1.08.03с.№35).

## ФАСЛИ 3. ШАРТҲОИ УМУМИИ ТАЪИН ВА ПАРДОХТИ МАБЛАҒҲОИ СУҒУРТА ВА ПАРДОХТҲОИ МАҚСАДНОК

### Моддаи 18. Таъин, маблағҳои суғурта, ҳаҷм ва мӯҳлати пардохти он

Таъин ва пардохти ҷамъи маблағҳои суғурта оид ба ҳар як навъи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар ҳаҷм ва мӯҳлатҳои пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад.

Ба ашхоси суғурташуда, ки таҳти муносибатҳои меҳнати қарор доранд, кӯмакпулиҳо ва пардохтҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар ҷои кор ё маҳалли истиқомати суғуртакунанда таъин ва пардохта мешаванд. Дар сурати барҳам хӯрдани корхона ё иваз шудани суғуртакунанда, кӯмакпулиҳо аз ҷониби вориси ҳуқуқи таъин ва пардохта мешаванд ва ҳангоми мавҷуд набудани вориси ҳуқуқи - аз ҷониби мақоми ваколатдори суғуртакунандаи иҷтимоӣ (муассисаи суғурта), ки суғуртакунандаро ба қайд гирифтааст, анҷом дода мешавад.

Ба ашхоси бақайдгирифташудаи бекор (нафақахурон ва бекорон) пардохтҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори маҳалли зист пардохта мешавад.

Кӯмакпулиҳо ҳангоме таъин ва пардохта мешаванд, ки агар дар мавриди пардохти он на дертар аз 6 моҳ, то рӯзи ҳатмӣ ҳолати суғурта муроҷиат карда бошанд.

Кӯмакпулие, ки то рӯзи фавти шахси суғурташуда талаб карда нашудааст, ба аъзои оилаи ӯ ё ашхоси таҳти сарпарастии шахси фавтида қарордошта, пардохта мешавад.

Кӯмакпулиҳои пурра гирифтанашудаи боқимонда ба амволи мероси дохил карда намешаванд.

Мутобиқи ҳамин Қонун пардохтҳо ба ашхоси суғурташудаи ноҳияҳо ва маҳалҳо, ки тибқи тартиби муқарраршуда барояшон коэффитсиентҳои ноҳияви ба музди меҳнат истифода мегарданд, зиндагӣ ва меҳнат мекунанд, бо дарназардошти ин коэффисиентҳо пардохта мешаванд.

**Моддаи 19. Нигоҳ доштани маблағи кӯмакпулиҳои изофатан пардохташуда.**

Маблағҳои изофагии ба гиранда пардохташудаи суғуртапули, агар додани изофапули бо гуноҳи ӯ сурат гирифта бошад, тибқи тартиби муайяннамудаи қонун нигоҳ дошта мешаванд.

**Моддаи 20. Ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои таъминот бо кӯмакпулӣ**

Баҳсҳо байни ашхоси суғурташуда ва суғуртакунандагон дар мавриди масъалаҳои таъминот бо кӯмакпули оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бо тартиби суди мавриди барраси қарор мегирад.

**Моддаи 21. Мақомоти идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Идоракунии низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи мақомоти ваколатдор, бо иштироки намояндагони кормандон ва ассотсиатсияи корфармоён, ки таҳияи сиёсати мувофиқашудаи давлатиро дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, инчунин аудити молиявӣ ва ҳуқуқии иштирокчиёни суғуртаи иҷтимоиро амалӣ менамоянд, анҷом дода мешавад (Конуни ЧТ аз 5.03.2007 № 244, аз 16.04.2012 № 824).

Идораи оперативии маблағ ва амволи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Мақомоти ваколатдор фаъолияти худро мувофиқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномае, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Бо мақсади назорат аз болои дурустии пардохти кӯмакпули ҷиҳати суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз тарафи суғуртакунанда дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо аз ҳисоби намояндагони бакортаъминкунанда, кумитаи иттифоқи касаба ва ё дигар мақоми намояндагии кормандон комиссия таъсис меёбад ва ё вакили масъули суғуртаи иҷтимоӣ интихоб мешавад. Хароҷоти маблағи суғурта барои табобати санаторию курортӣ, истироҳати кормандон аз аъзои оилаи онҳо, хурокхӯрии парҳезӣ ва дигар тадбирҳои солимгардонию профилактики бевосита дар корхонаҳо аз тарафи кумитаи иттифоқи касаба ё дигар мақоми намояндагии кормандон анҷом мегардад.

# ФАСЛИ 4. МАБЛАҒГУЗОРИИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 22. Маблағҳо барои таъмини пардохтҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ.**

Маблағгузории пардохти нафақа, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои дорои хусусиятҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаи суғурта анҷом дода мешавад.

хориҷ карда шуд (Конун аз 29.04.06с. № 187)

Маблағҳои мақомоти ваколатдор аз ҳисоби зайл ташаккул меёбанд (Конун аз 5.03.07с. № 244):

- саҳмҳои суғуртаи ҳатмии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамагуна шакли моликият, дигар ташкилотҳо, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, сарфи назар аз тобеияти онҳо, саҳмҳои шаҳрвандон, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд (шахсони ҳуқуқи намебошанд) ва дигар шаҳрвандон, ки мутобиқи ҳамин Қонун бояд ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифта шавад; (Қонун аз 1.08.03с.№35)
- маблағҳое, ки вобаста ба таъин намудани нафақаи пеш аз мӯҳлат ва ба мақсадҳои таъминоти имтиёзноки нафақа мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ситонида мешавад;
- маблағҳои саҳмҳои ҳатмии суғурта, ки бидуни тартиби баҳс аз шахсони ҳуқуқи ва воқеи ситонида мешаванд;
- саҳмҳои ихтиёрӣ ва пардохтҳои хайрияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ; (Қонун аз 1.08.03с.№35);
- дивидент ва даромадҳои бадастовардашуда аз фаъолияте, ки қонунгузорӣ манъ нанамудааст;

даромадҳое, ки ҳангоми расонидани ёрии молиявӣ аз ҳисоби маблағҳои муваққатан озод ва оид ба депозитҳои мақомоти ваколатдор ба даст оварда мешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244);

- маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо ба хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо пешбинишуда, нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талофии хароҷоти баланд бардоштани ҳаҷми нафақа ва кӯмакпулиҳо вобаста ба таҷйирёфтани индекси рӯзгузарони ва афзоиши музди меҳнат;
- маблағи буҷети маҳаллӣ, ки барои пардохти нафақа барои хизматҳои шоёни дорои аҳамияти маҳаллӣ, инчунин нафақаҳои иҷтимоӣ пешбини шудаанд;
- маблағе, ки ба қисми махсуси ҳисобномаи захиравии инфиродӣ, ҷиҳати пардохтҳои минбаъда ба нафақахӯрон ҳангоми пешбурди баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ворид карда шудаанд (Қонуни ЧТ аз 1.08.2003 № 35, аз 16.04.2012 № 824);

- дигар воридоте, ки ба қонунҳо ва дигар асноди меъёрию ҳуқуқӣ мухолиф намебошанд.

Маблағҳои пулии мақомоти ваколатдор мусодира ва андозбанди намегарданд аз онҳо боҷу хироҷи комиссиони ситонида намешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Маблағи дар буҷети мақомоти ваколатдор ҷамъгардида ба ду гурӯҳ тақсим мешавад (Конун аз 29.04.06с. № 187), (Конун аз 5.03.07с. № 244):

- саҳмҳои суғуртавҳ, маблағи муҷозоти молиявии воридшуда, субвенсияи буҷетӣои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, даромад ва фоизҳо аз ҷойгиркунии маблағи муваққатан озод ба таркиби буҷети давлатӣ дохилгардида дар буҷети тасдиқгардидаи соли навбатҳ тақсим ва харҷ карда мешаванд;

- маблағе, ки ҳамчун саҳмҳои нафақавӣ аз ҳисоби музди меҳнат ва даромади шаҳрвандон ворид мегардад ва ба қисми захиравии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда дохил мегардад, инчунин фоизҳо ва даромадҳо аз ҷойгиркунии муваққатии онҳо дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ пешбинӣ намешаванд ва дар шакли захираи нафақавии давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар буҷети Фонд барои соли навбатии молиявӣ маблағи дар ҳамин сол ворид ва харҷшаванда, инчунин маблағе, ки барои пардохти иловапулиҳо ба нафақа аз андӯхти (аз захираи нафақавии давлатӣ) нафақа дар ҳамин сол равона мегарданд, пешбинӣ мешаванд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

**Моддаи 23. Сохтор ва ҳаҷмӣ тарифҳои саҳмияҳои суғурта** (Конун аз 29.04.06с. № 187)

Суғуртакунандагон ӯҳдадоранд андози иҷтимоиро тибқи тартиб ва ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва пардохт намоянд.

Ба таркиби андози иҷтимоӣ дохил мешаванд:

- саҳмҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ;
- саҳмҳои нафақавӣ;
- саҳмҳои суғурта барои бекорӣ.

Хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 824).

Саҳмҳои суғуртае, ки шахсони суғурташуда пардохтаанд, дар ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағи андози иҷтимоӣ ва саҳмҳои нафақа аз ҳисоби маблағи андозбандишаванда баровард мешаванд.».

**Моддаи 23 (1). Тартиби нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва истифодаи воситаҳои пулӣ, ки ба ҳисобномаи захиравии инфиродӣ ворид шудаанд.**

Ҳангоми ҷорӣ намудани баҳисобгирии захиравии инфиродӣ дар низоми давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ба ҳар як шахси суғурташуда

ҳисобномаи захиравии инфиродӣ кушода мешавад, ки дар намуди электронӣ маълумот оиди ҳуқуқҳои нафақавӣ аз ҳисоби захираҳои ҳатмии нафақавӣ қайд карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 824).

Суратҳисоби захиравии инфиродӣ қисми махсуси ҳисобнома мебошад, ки саҳмҳои суғуртавии воридгардида, маблағҳои ҳисобкардашудаи даромадҳо аз истифодаи захираҳои шахси суғурташуда, индексатсияи ин маблағҳо ва пардохтҳои анҷомдодашударо дар бар мегирад.

Бо мақсади аз бекурбшавӣ нигоҳ доштан ва таъмини индексатсияи минбаъдаи маблаҷҳое, ки дар суратҳисоби захиравии инфироди ҷамъ омадаанд, мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, тибқи қонунҳои амалкунанда онҳоро ба ҳисоби депозити дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коғазҳои қимматнок (саҳмҳо, векселҳо ва ҷайра) гузорад (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Бо мақсади таъмини даромад маблағи андӯхти нафақавиро муассисаи суғурта метавонад ба активҳои нафақаи фондҳои ғайридавлатии нафақа тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намояд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

Муассисаи суғурта ӯҳдадор аст даромаднокиро аз ҷойгиронии маблағи андӯхти нафақавӣ на камтар аз нишондиҳандаи ставкаи азнавмаблағгузории Бонки миллли Тоҷикистон таъмин намояд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

Тартиби таъин ва пардохти қисми кафолатии нафақаи меҳнатиро аз ҳисоби захираҳои ҳатмии нафақавӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (Қонун аз 1.08.03с. № 35).

**Моддаи 24. Ӯҳдадориҳои пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта**

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта ба мақомоти ваколатдор суғуртакунандагон ва ашхоси суғурташуда мебошанд (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Пардохти саҳмияҳои суғурта аз ҷониби суғуртакунанда, аз лаҳзаи аз тарафи муассисаи суғурта ба қайд гирифтани он, анҷом дода мешавад.

Саҳмияҳои суғурта, сарфи назар аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, супурда мешаванд.

Хорич карда шуд (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824)

Мақомоти ваколатдор ҳангоми нигаҳдошт ва истифодаи маълумотҳои зикршуда махфияти онҳоро таъмин менамояд. Ба дигар ашхос додани онҳо танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244).

**Моддаи 25. Ҳисоби саҳмҳои суғурта (Конун аз 29.04.06с. № 187)**

Ҳисоби саҳмҳои суғуртаро андозсупоранда мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо ҳисобии музди меҳнат (пардохти музди меҳнат) ба кормандон ё муайян намудани даромади

суғурташавандаи соҳибкорон ё шахсоне, ки бо фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд, анҷом медиҳанд.

Суғуртакунанда ӯҳдадор аст ҳисоб ва пардохти ҳармоҳаи саҳмҳои суғуртаро таъмин намояд, Ҳангоми риоя накардани мӯҳлатҳои ҳисоби андози суғурта муассисаи суғурта ҳуқуқ дорад нисбати суғуртакунанда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муҷозоти молиявӣ истифода намояд (Конун аз 29.04.06с. № 187).

**Моддаи 25. Ҳисобгирии саҳмҳои суғурта**

Саҳмҳои суғурта ба ҳама навъи музди меҳнат (даромад), пардохтҳои дорои хусусиятҳои ҳавасмандгардони ва ҷубронпулӣ (аз ҷумла подошҳои яквақтина), инчунин барои кор мутобиқи қарордоди пудрат, иҷрои супориш ва ҳаққи муаллифӣ, ки барои иҷрои кор пардохта шудааст, ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби суғуртакунанда риоя накардани қонунгузории меҳнат дар мавриди ҳар моҳ ҳисоб кардани музди меҳнат ё даромади дигар надоштани гурӯҳҳои алоҳидаи пардохткунандагон саҳмҳои суғурта аз ҷониби мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ бо роҳи ҳисоббарорӣ, бо дарназардошти музди меҳнати ҳаддӣ ақал, ки дар лаҳзаи тафтиш дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 26. Тартиб ва мӯҳлати пардохти саҳмияҳои суғурта**

Суғуртакунандагон ҳар моҳ, дар мӯҳлатҳои аз бонк гирифтани маблағҳо барои пардохти музди меҳнати моҳи гузашта, ки ба он саҳмҳои суғурта ба ҳисоб гирифта шудааст, маблағҳои суғуртаро мегузаронанд.

Суғуртакунандагоне, ки дар муассисаҳои бонкӣ ҳисобномаҳо надоранд, инчунин онҳое, ки пардохти музди меҳнатро аз ҳисоби маблағ, фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ анҷом медиҳанд саҳмияҳои суғуртаро то таърихи 10 моҳе, ки пас аз моҳи ҳисоб кардан саҳмияи суғурта фаро мерасад, мепардозанд.

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта, ки ба онҳо вобаста ба шароити меҳнат мутобиқи қонунгузории ҷорӣ барои меҳнат оид ба натиҷаҳои наҳоии кор подошпулӣ муайян карда шудааст, вобаста ба маблағи ба ҳисоби музди меҳнат ё дар шакли ставкаҳои устувор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, саҳмияҳоро пардохта минбаъд оид ба натиҷаҳои сол, дар мӯҳлатҳои барои мақсадҳои зикр шуда аз муассисаҳои бонки гирифтани маблағ ҳисобро баробар мекунанд.

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта, ки фаъолияти меҳнатиро тибқи шартҳои дигар анҷом медиҳанд, саҳмияҳои суғуртаро аз он даромад ва дар он мӯҳлатҳое мепардозанд, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. (Қонун аз 1.08.03с.№35)

**Моддаи 27. Муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта бо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ** (Конун аз 5.03.07с. № 244)

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредити ҳисобномаҳои (ҷорӣ) пардохткунандагони саҳмияҳои суғуртаро ҳангоми пешниҳод намудани асноде, ки ба сифати пардохткунандаи саҳмияи суғурта ба қайд гирифта шудааст, тасдиқ мекунад ва оид ба дигар ҳисобномаҳо, аз ҷумла буҷетӣ, асъорӣ, қарзӣ, депозитӣ, аккредитиви ва дигарҳо бошад-ҳангоми пешниҳод намудани аснод дар бораи огоҳонии мақомоти мақомоти ваколатдор дар бораи нияти пардохткунандаи саҳмҳои суғурта дар мавриди дар бонк кушодани ҳисобномаи дахлдор, мекушоянд (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта ҳамзамон бо талаб карда гирифтани маблағҳо барои пардохти музди меҳнат барои моҳи гузашта ба бонк супоришномаҳои пулиро оид ба саҳмияҳои суғуртаи ба мақомоти ваколатдор гузаронидашуда, ки бидуни он маблағҳо барои пардохти музди меҳнат дода намешаванд, пешниҳод мекунанд. Супоришномаҳои пардохти зикршуда, инчунин супоришномаҳои пардохти пеня, ҷарима ва дигар пардохтхо дар навбати аввал иҷро карда мешаванд (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Дар ҳолатҳое, ки муассисаҳои бонки бо мақсади истифодаи маблағҳои саҳмияҳои суғуртаи воридшуда дар гардиши бонк ва аз он ба даст овардани фоида мӯҳлати баҳисобгирии маблағҳоро мегузаронанд, аз ҷониби онҳо барои ҳар як рӯзи гузаронидани мӯҳлат дар ҳаҷми дукарата дар муқоиса бо ставкаи фоизии ҷории азнавмаблағгузории (рефинансирования) бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фоизҳо пардохта мешаванд.

Маблағҳое, ки ба буҷети мақомоти ваколатдор дар натиҷаи иҷрои муҷозотҳои молияви (пения, ҷарима) ворид гардидаанд, барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ масраф карда мешаванд (Конун аз 5.03.07с. № 244).

Амалиётҳо оид ба маблағҳои мақомоти ваколатдор аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ё дигар муассисаҳои кредитӣ бидуни талаби подоши комиссиони барои ин амалиёт анҷом дода мешавад (Конун аз 5.03.07с. № 244).

**Моддаи 28. Назорати пардохти саҳмияҳои суғурта ва хароҷоти маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ**

Назорати пардохти саҳмияҳои суғурта ва хароҷоти маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ бо қарори мақоми идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби намояндаи мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ё ташкилоти мустақили аудиторӣ анҷом дода мешавад.

Суғуртакунандагон, бонкҳо, дигар мақомоте, ки оид ба маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ амалиётро анҷом медиҳанд, вазифадоранд ба мақомоти назораткунандаи суғуртаи иҷтимоӣ аснод ва

маълумотҳои зарурии марбут ба соҳаи фаъолияташонро пешниҳод намоянд.

Назорати ҷамъияти ҷиҳати таъмини ҳуқуқи ашхоси суғурташуда, хароҷоти маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо аз ҷониби мақомоти намояндагии кормандон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 29. Масъулият барои ҳисоби нодуруст, сари вақт напардохтан ва нагузаронидани саҳмияҳои суғурта.**

Барои ҳисоби нодуруст, сари вақт напардохтан ва нагузарондани саҳмияҳои суғурта ба мақомоти ваколатдор, сари вақт ҳамчун пардохткунандаи саҳмияҳо ба қайд нагирифтани суғуртакунандагон мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба ҷавобгари кашида мешаванд ва инчунин ҳангоми иҷрои амале, ки аз он ба буҷети Фонд зиёни моддӣ расидааст, суғуртакунанда ӯҳдадор аст зиёнро дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд. Ҷуброни зиён метавомад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд ситонида шавад (Қонун аз 1.08.03с. № 35), (Конун аз 29.04.06с. № 187), (Конун аз 5.03.07с. № 244).

**Моддаи 30. Мӯҳлатҳои дида баромадани муроҷиатҳо дар бораи вайрон шудани қонунгузорӣ дар хусуси суғуртаи давлатии иҷтимоӣ.**

Муроҷиати суғуртакунандагон ва суғурташудагон аз рӯи масъалаҳои вайрон шудани қонунгузори оиди суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз тарафи суғуртакунанда дар мӯҳлати 30 рӯз баррасӣ карда мешавад. Аз натиҷаи он суғуртакунанда ба аризадиҳанда баъди қабули қарор дар муддати 10 рӯз ба таври хатти хабар медиҳад (Конуни ЧТ аз 16.04.2012 № 824).

Дар ҳолати рози нашудан бо қарори қабулшуда, баҳс дар тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

аз 13 декабри соли 1997 № 517

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии таъсиси иттифоқҳои касаба, ҳуқуқу кафолатҳои фаъолияти онҳоро муайян намуда, муносибатҳои иттифоқҳои касабаро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корфармоён, иттиҳодияҳои онҳо, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танзим менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мавзӯи танзими Қонуни мазкур**

Мавзӯи танзими Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки вобаста ба амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ, таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва (ё) барҳамдиҳии иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) онҳо, ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба (минбаъд-иттифоқҳои касаба) ба вуҷуд меоянд.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- иттифоқи касаба - ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрие мебошад, ки шаҳрвандонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёнаш муттаҳид менамояд;

- ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба - иттиҳодияи ихтиёрии дар асоси оиннома ва ё низомномаи иттифоқи касаба амалкунандаи аъзои иттифоқи касаба, ки дар як корхона, муассиса, ташкилот, ҷамъият новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ кор мекунанд ё дар як муассисаи таълимх таҳсил менамоянд (минбаъд- корхона);

- аъзои иттифоқи касаба - шахсони ба синни 15 расидае, ки ихтиёран ба иттифоқи касаба дохил шудаанд, оинномаи (низомномаи) онро эътироф менамоянд ва дар қайди ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба буда, ҳаққи аъзогӣ мепардозанд;

- ҳаққи аъзогӣ - пардохти ихтиёрии маблағи узви иттифоқи касаба ба ташкилоти иттифоқи касаба, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ истифода карда мешавад;

- иттиҳодияи ҷумҳуриявии иттифоқи касаба - иттиҳодияи ихтиёрии соҳавии ташкилотҳои ибтидоӣ ва вилоятии иттифоқҳои касаба, ки бо манфиатҳои умумии иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва касбӣ алоқамананданд;

- мақомоти иттифоқи касаба - мақомоте, ки мутобиқи оинномаи (низомномаи) иттифоқи касаба, иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба таъсис ёфта, тавассути онҳо иттифоқи касаба ваколатҳои худро амалӣ менамояд;

- иттиҳодияи минтақавии иттифоқҳои касабаи байнисоҳавӣ - иттиҳодияи ихтиёрии минтақавии иттифоқҳои касабаи байнисоҳавӣ, ки дар ҳудуди вилоят, шаҳр ва ё ноҳия амал менамояд;

- ташкилоти минтақавии иттифоқи касаба - иттиҳодияи ихтиёрии аъзои иттифоқҳои касабаи ибтидоии як иттифоқи касаба, ки дар ҳудуди вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд;

- намояндаи иттифоқи касаба - роҳбари иттифоқи касаба ё шахси дигаре, ки мутобиқи оинннома (низомнома) ё бо қарори мақомоти дахлдори иттифоқи касаба барои намояндагӣ ваколатдор карда шудааст.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттифоқҳои касаба**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттифоқҳои касаба ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон,инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Амали Қонуни мазкур ба фаъолияти иттифоқҳои касаба, ташкилот ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти иттифоқи касаба, намояндаи иттифоқи касаба дар доираи ваколатҳояш, корфармоён, иттиҳодияҳои онҳо, ҳамчунин ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ паҳн мегардад.

2. Хусусияти хоси татбиқи Қонуни мазкур дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои хизматчиёни ҳарбӣ), мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ ва дигар сохторҳои ҳарбикунонидашуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ин соҳаҳо муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 5. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳид шудан дар иттифоқи касаба**

1. Шаҳрвандон барои ҳимояи манфиатҳои худ ҳуқуқ доранд бо хоҳиши худ, бе иҷозати пешакӣ ташкилоти иттифоқи касаба таъсис диҳанд, бо шарти риояи оинннома (низомнома) ба иттифоқи касаба дохил ва аз он хориҷ шаванд.

2. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар корхонаҳо, агар дар онҳо на камтар аз се нафар муттаҳид шуда бошанд, ташкилотҳои иттифоқи касаба таъсис диҳанд.

3. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз қаламрави он зиндагӣ ва кор мекунанд, метавонанд ба иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, ташкилоти иттифоқи касаба таъсис диҳанд.

4. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, ба истисноi ҳолатҳои алоҳидаи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, метавонанд ба иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил шаванд.

**Моддаи 6. Ҳуқуқи иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои онҳо ба ташкили иттиҳодияҳо**

1. Иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои онҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои оинномавии худ ҳуқуқ доранд дар асосҳои умумӣ аз рӯи аломатҳои соҳавӣ, ҳудудӣ ё аломатҳои дигар иттиҳодияҳо (шӯроҳо, федератсияҳо, конфедератсияҳо ва ба он монанд иттиҳодияҳо) таъсис диҳанд (агар ин дар оиннома пешбинӣ шуда бошад), ҳамчунин ба ҳайати иттиҳодияҳо озодона дохил шаванд ва аз онҳо бароянд.

2. Иттифоқҳои касабае, ки хоҳиши ташкил намудани иттиҳодияҳои иттифоқҳои касабаро доранд, бо ҳам созишнома мебанданд ва оинномаи (низомномаи) иттиҳодияро тасдиқ менамоянд.

3 Ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои иттифоқҳои касабаро мутобиқи Қонуни мазкур, ҳамчунин оинномаи (низомномаи) ин иттиҳодия иттифоқҳои касабае муайян мекунанд, ки ин иттиҳодияҳоро ташкил намудаанд.

**Моддаи 7. Узвият ба иттифоқи касаба**

1. Узви иттифоқи касаба шахсе шуда метавонад, ки дар корхона, дар хоҷагии шахси воқеии истифодабарандаи меҳнати кироя кор мекунад, ҳамчунин шахсе, ки мустақилона меҳнат мекунад.

2. Шаҳрванд иттифоқи касабаеро, ки ба он хоҳиши шомил шудан дорад озодона интихоб менамояд. Барои дохил шудан ба иттифоқи касаба аризаи корманд ба ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба асос мебошад.

3. Ҳеҷ касро барои шомил шудан ё нашудан ба иттифоқи касаба маҷбур кардан мумкин нест.

4. Дар оинномаи (низомномаи) иттифоқи касаба узвият ба иттифоқи касаба нисбат ба шахсе, ки ба кори эҷодӣ машғул аст, аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, шахсони воқеӣ-субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, инчунин шахсе, ки дар муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ ё таҳсилотҳои олии касбӣ таҳсил менамояд, шахсе, ки бо сабаби ба нафақа баромадан аз кор ё хизмат озод шудааст ва ё шахсе, ки муваққатан кор намекунад, метавонад пешбинӣ карда шавад.

5. Узви иттифоқи касаба ҳаққи аъзогиро ба ташкилоти иттифоқи касабаи ҷои кор ё таҳсил пардохт менамояд. Тартиб, андоза ва мӯҳлати пардохти ҳаққи аъзогӣ дар оинномаи (низомномаи) иттифоқи касабаи дахлдор муайян карда мешаванд.

6. Ҳаққи аъзогие, ки аз ҷониби аъзои иттифоқи касаба пардохта шудааст, бозгардонида намешавад.

**Моддаи 8. Сохтори ташкилӣ ва тартиби таъсиси иттифоқҳои касаба**

1. Сохтори ташкилии иттифоқҳои касабаи Тоҷикистонро ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касаба, кумитаҳои соҳавии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, иттиҳодияҳои муштараки вилоятии иттифоқҳои касаба ташкил медиҳанд.

2. Ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касаба дар корхонаҳо ё ҳангоми муттаҳид намудани аъзои иттифоқи касабае, ки мустақилона худашонро бо кор таъмин кардаанд ё дар корхона ё дар назди шахси ҳуқуқии меҳнати кирояро истифодабаранда кор мекунанд, таъсис дода мешаванд, дар сурати мавҷуд будани шумораи на камтар аз се аъзо.

3. Иттифоқҳои касабаи маҳаллӣ (шаҳрӣ, ноҳиявӣ) на кам аз ду ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касабаи дар корхонаҳои як воҳиди марзиву маъмурӣ амалкунандаро муттаҳид карда метавонанд.

4. Иттифоқҳои касабаи вилоятӣ ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи як соҳаи дар воҳидҳои марзиву маъмурии вилоят амалкунандаро муттаҳид месозанд.

5. Иттифоқҳои касабаи соҳавии ҷумҳуриявӣ ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи як соҳаи дар ҳудуди ҷумҳурӣ амалкунандаро муттаҳид менамоянд.

6. Иттиҳодияи умумиҷумҳуриявии иттифоқи касаба иттифоқҳои касабаи соҳавӣ, вилоятӣ, маҳаллӣ, иттифоқҳои касабаи ташкилотҳои муштаракро бо мақсади ҳамоҳангу муттаҳид сохтани амалиёти ташкилотҳои ҳамаъзо ба таври ихтиёрӣ муттаҳид менамояд.

**Моддаи 9. Мустақилияти иттифоқҳои касаба**

1. Иттифоқҳои касаба дар фаъолияти худ мустақил буда, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корфармоён, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ вобаста нестанд ва ба онҳо ҳисоботдиҳанда намебошанд.

2. Дахолати мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо ба фаъолияти иттифоқҳои касаба, ба ҷуз аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

3. Иттифоқҳои касаба аз рӯи ӯҳдадориҳои дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо ва дар навбати худ онҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои иттифоқҳои касаба ҷавобгар нестанд.

4. Иттифоқҳои касаба оиннома (низомнома) ва сохтори худро мустақилона таҳия ва тасдиқ мекунанд, мақомоти роҳбарикунандаро интихоб ва фаъолияти худро ташкил намуда, маҷлису конференсияҳо ва пленуму анҷуманҳо мегузаронанд.

5. Ҳамаи иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои иттифоқҳои касаба дар назди қонун баробаранд, барои амалӣ намудани намояндагӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба ҳуқуқи баробар доранд.

**Моддаи 10. Манъи маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандон аз рӯи аломати узвият ба иттифоқҳои касаба**

1. Узвият ба иттифоқҳои касаба ба ягон маҳдудияти ҳуқуқҳои меҳнатӣ, инчунин иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, шаҳрвандӣ ва озодиҳое, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додаанд, сабаб шуда наметавонад.

2. Ҳар гуна маҳдудияти ҳуқуқӣ ё муқаррар намудани бартарӣ ҳангоми бастан, тағйир додан ё қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ вобаста ба узвият ба иттифоқҳои касаба ё ба иттифоқи касабаи мушаххас,ба шомил шудан ба он ё баромадан аз он манъ аст.

**Моддаи 11. Ҳамкории иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо**

1. Ҳамкории иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои (иттифоқҳои, ассотсиатсияҳои) онҳо дар асоси шарикии иҷтимоӣ ва ҳамкории тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва намояндагони онҳо, инчунин дар заминаи низоми шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Иттифоқҳои касаба дар қатори дигар шарикони иҷтимоӣ ҳуқуқи баробари иштирокро дар идоракунии маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ, шуғл, суғуртаи тиббӣ, нафақа ва дигар фондҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи суғуртавӣ ташаккул меёбанд, инчунин ҳуқуқи назорати ҷамъиятиро нисбат ба истифодабарии ин фондҳо доро мебошанд.

3. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳо (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо) ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии соҳаи рушди табобати санаторию курортӣ, муассисаҳои истироҳатӣ, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонии оммавӣ ва варзиш ҳамкорӣ кунанд.

4. Иттифоқҳои касаба дар муайян ва татбиқ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ширкат меварзанд.

5. Иттифоқҳои касаба бо тартиби муқарраршуда тавассути намояндагони ваколатдори худ ҳуқуқ доранд дар кори ҳайати мушовараи вазоратҳо ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии корхонаҳо иштирок намоянд.

**Моддаи 12. Оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба**

Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи (низомномаи) худ фаъолият менамоянд.

Оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо дар анҷуманҳо, конференсияҳо, маҷлиси таъсисии иттифоқҳои касабаи сатҳи дахлдор қабул карда мешаванд ва набояд хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

Оинномаи (низомномаи) иттифоқи касаба бояд масъалаҳои зайлро дарбар гирад:

- мақом ва номи пурраи иттифоқи касаба, номи ихтисоршудаи он, маҳалли ҷойгиршавии мақоми интихобии он (нишонии ҳуқуқӣ);
- мақсад ва вазифаҳои иттифоқи касаба;
- шарт ва тартиби қабул ба аъзогии иттифоқи касаба;
- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои иттифоқи касаба, шартҳо, тартиб ва асосҳои хориҷ кардан аз узвияти иттифоқҳои касаба;
- доираи фаъолияти соҳавӣ, минтақавӣ ё касбӣ;
- сохтори ташкилии иттифоқи касаба, ваколатҳои ташкилоти он, мақомоти интихобӣ, тартиби ташаккули ҳайати онҳо;
- шарт, мӯҳлат, тартиби даъвати анҷуманҳо, конференсияҳо ё маҷлиси умумии аъзои иттифоқи касаба ва тартиби қарор қабул кардани онҳо;
- тартиб ва мӯҳлати ҳисоботи мақомоти интихобии иттифоқи касаба дар назди аъзои он, тартиби назорат кардан ба фаъолияти мақомоти интихобии иттифоқи касаба;
- манбаъҳои воридшавии (ташаккули) маблағҳои иттифоқи касаба, инчунин маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва самтҳои истифодаи онҳо;
- тартиби амалӣ намудани фаъолияти хоҷагӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ заруранд;
- тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи (низомномаи)иттифоқи касаба;
- шарт ва тартиби қатъ намудани фаъолияти иттифоқи касаба ва ҳалли масъалаҳои моликият;
- тартиби ташкили мақомоти иттиҳодияҳои иттифоқи касаба ва ваколати онҳо;
- мӯҳлати ваколати мақоми иттифоқҳои касаба;
- тартиби азнавташкилдиҳӣ, қатъ намудани фаъолияти иттиҳодияи иттифоқи касаба ва истифодаи моликияти он дар ин ҳолатҳо;
- дигар масъалаҳое, ки мухолифи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда, ба фаъолияти иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба дахл доранд.

4. Мақомоти болоии иттифоқҳои касаба дар доираи ваколатҳои дар оиннома (низомнома)пешбинишуда низомномаҳои ташкилотҳои иттифоқҳои касабаро тасдиқ менамоянд.

**Моддаи 13. Бақайдгирии давлатии иттифоқҳои касаба**

1. Бақайдгирии давлатии иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳоро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он (раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

2. Барои ба қайди давлатӣ гирифтани иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои иттифоқхои касаба муассисони онҳо ё ки роҳбарони мақомоти интихобии онҳо ба мақоми бақайдгиранда бо ариза муроҷиат менамоянд. Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин - оиннома (низомнома), протоколи анҷуман, конференсия, маҷлиси муассисони аъзои иттифоқи касаба бо қарор дар бораи тасдиқ намудани ин ҳуҷҷатҳо, маълумот дар бораи мақомоти интихобӣ, рӯйхати ташкилотҳои иттифоқи касаба, ки ба ҳайати ин иттифоқи касаба ё иттиҳодияи иттифоқи касаба дар воҳиди марзиву маъмурии дахлдор дохил шудаанд, ҳамчунин маълумот дар бораи муассисони иттиҳодияҳо илова карда мешаванд.

3. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда мақоми бақайдгирандаи давлатӣ иттифоқи касаба ё иттиҳодияи иттифоқи касабаро дар муддати 1 моҳ ба қайд мегирад ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатиро ба муроҷиаткунанда месупорад.

4. Мақоми бақайдгирандаи давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифтани иттифоқҳои касабаро рад карда наметавонад. Дар сурати мутобиқат накардани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми бақайдгирандаи давлатӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб мекунад. Дар мавриди рад кардани бақайдгирии давлатии иттифоқи касаба бо тартиби пешниҳоднамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст.

5. Ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, соҳавӣ, ҷумҳуриявӣ ва федератсияи иттифоқҳои касаба, ки дар асоси оинномаи (низомномаи) худ амал мекунанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

6. Ташкилоти иттифоқи касаба, иттиҳодияи иттифоқҳои касаба аз рӯзи ба қайди давлатӣ гирифта шуданашон ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунанд.

7. Барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нодуруст ҳангоми бақайдгирии давлатӣ шахсоне, ки ин ҳуҷҷатҳоро омода ва пешниҳод кардаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 14. Робитаҳои байналмилалии иттифоқҳои касаба**

Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқ доранд бо иттиҳодияҳои иттифоқҳои касабаи байналмилалӣ ҳамкорӣ намуда, ба онҳо шомил шаванд, дар фаъолияти онҳо иштирок кунанд ва дигар амалӣоеро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, анҷом диҳанд.

**Моддаи 15. Рамзи иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо**

1. Иттифоқҳои касаба метавонанд рамзҳои худро дошта бошанд ва онҳоро истифода баранд.

2. Рамзҳои иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо мутобиқи оиннома (низомнома) аз ҷониби мақомоти болоии онҳо тасдиқ гардида, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

3. Рамзҳои иттифоқҳои касаба набояд ба рамзҳои давлатӣ ё ин, ки динӣ ва ё рамзҳои дигар иттиҳодияҳои шаҳрвандон ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ монанд бошанд.

## БОБИ 2. ҲУҚУҚҲОИ АСОСИИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ОНҲО

**Моддаи 16. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои худ.**

1. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои худро ҳимоя намуда, дар таҳияи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ширкат варзида, оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат аз корхона аз кор озод мегарданд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд.

2. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон - аъзои иттифоқи касабаро ҳангоми бастан ё қатъ намудани шартномаи (карордоди) меҳнатӣ ҳифз мекунанд, дар якҷоягӣ бо корфармо шахсони нав ба кор қабулшударо бо мазмуни созишнома ва шартномаи коллективӣ ва ҳуҷҷати таъсисии шахси ҳуқуқӣ шинос менамоянд.

3. Дар сурати номувофиқии шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишнома ва шартномаи коллективӣ иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд аз корфармо тағйир додани шартҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатиро ба манфиати корманд - узви иттифоқи касаба талаб намоянд.

4. Барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии корхонаҳо ва қисмҳои таркибии сохтории онҳо, қисман ё пурра боздоштани истеҳсолот бо ташаббуси корфармо, соҳибмулк ё мақомоти идоракунии ваколатдори он, ки боиси ихтисори ҷойҳои кор ё бадшавии шароити меҳнат мегарданд, метавонад танҳо дар ҳолати пешакӣ огоҳ намудани (тибқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) иттифоқҳои касабаи дахлдор ва гузаронидани гуфтушунидҳо оид ба риоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон амалӣ гарданд.

**Моддаи 17. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва муҳити зист**

1. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд дар таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва пешгирии касалиҳои касбӣ ва бехатарии экологиро ба тартиб медароранд, ширкат варзанд.

2. Иттифоқҳои касаба нисбати риоя гардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати ҷамъиятӣ мебаранд.

3. Иттифоқҳои касаба тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар ташхиси бехатарии шароити меҳнати иншоотҳои ба лоиҳа гирифташуда, сохташаванда ва истифодашавандаи истеҳсолӣ, инчунин механизму асбобҳои ба лоиҳа гирифташаванда ва истифодашаванда, аттестатсияи ҷойҳои корӣ доир ба шароити меҳнат иштирок намоянд.

4. Дар ҳолатҳои ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кормандон таҳдид мекунанд, иттифоқҳои касаба, нозирони ҷамъиятии онҳо оид ба ҳифзи меҳнат ҳуқуқ доранд аз корфармо ҳатман бартараф намудани ин ҳуқуқвайронкуниҳоро талаб намоянд, ҳамзамон ба мақомоти давлатӣ ва хадамоти назорати меҳнат барои андешидани чораҳои зарурӣ муроҷиат намоянд.

5. Дар мавриди иҷро накардани талабот оид ба бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, махсусан дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатии кормандон, иттифоқҳои касаба, нозирони ҷамъиятии онҳо оид ба ҳифзи меҳнат ҳуқуқ доранд то аз тарафи мақомоти дахлдор қабул шудани қарор аз корфармо боздоштани корҳоро талаб намоянд.

**Моддаи 18. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ба бурдани музокироти коллективӣ ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ**

1. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касаба ва мақомоти онҳо барои бурдани музокироти коллективӣ, бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Корфармоён, иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд дар музокироти коллективӣ, бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ иштирок намоянд.

3. Намояндагии иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо барои аз номи кормандон бурдани музокироти коллективӣ, бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар сатҳи умумидавлатӣ,

соҳавӣ ё минтақавӣ мутаносибан бо шумораи аъзои иттифоқи касаба, ки онҳо муттаҳид менамоянд, муайян карда мешавад.

**Моддаи 19. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ба ҳифзи иҷтимоии кормандон**

1. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо бо корфармоёни дахлдор, иттиҳодияҳои онҳо ва мақомоти идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии аъзои худ, муайян намудани меъёрҳои асосии сатҳи зиндагӣ, андозаи ҷубронпулиҳо вобаста ба болоравии нархҳо, муқаррар намудани ҳаҷми маблағи камтарин барои рӯзгузаронӣ ва вобаста ба индекси нархҳо сари вақт таҷдиди назар кардани музди меҳнат, мукофотпулӣ, кӯмакпулиҳо, назорати иҷрои ин чорабиниҳо, инчунин оид ба дигар масъалаҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд созишнома ва шартномаҳо банданд.

2. Иттифоқҳои касаба бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсими манзили истиқоматӣ, инчунин маблағе, ки барои сохтмони манзил равона карда шудааст, иштирок намуда, дар корхонаҳо дар бобати баҳисобгирии шаҳрвандоне, ки ба беҳтар намудани шароити манзил ниёз доранд, истифодабарии манзили идоравӣ ва хизматӣ, хобгоҳҳо ва дигар манзилҳои истиқоматӣ назорати ҷамъиятиро ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 20. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ба амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ ба рафти иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ**

1. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд ба рафти иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ назорати ҷамъиятӣ баранд.

2. Дар сурати риоя накардани шартҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд ба тарафи дигари созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ оид ба рафъи ин қонуншиканиҳо пешниҳод равон намоянд, ки он дар мӯҳлати муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баррасӣ гардад.

3. Тарафи қабулкардаи пешниҳод ӯҳдадор аст, ки дар бораи қарори қабулнамудааш ба тариқи хаттӣ дар мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттифоқи касабаи дахлдорро хабардор намояд.

4. Дар сурате, ки тарафи қабулкардаи пешниҳод қонеъ намудани талаби иттифоқи касабаро рад кунад ва ё дар ҳолати ба мувофиқа наомадани тарафҳо, ихтилофи байни онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ баррасӣ карда мешавад.

**Моддаи 21. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо дар ҳалли баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва коллективӣ**

1. Иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқ доранд манфиати аъзои иттифоқи касабаро дар мақомоти баррасикунандаи баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва коллективӣ намояндагӣ кунанд.

2. Намояндагони иттифоқҳои касаба дар баррасии баҳсҳои меҳнатӣ дар кори комиссияҳои оид ба баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва дигар мақомот иштирок менамоянд.

**Моддаи 22. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ба амалӣ намудани назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва иттифоқҳои касаба**

1. Иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқ доранд назорати ҷамъиятии риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ва иттифоқҳои касабаро аз ҷониби корфармо, соҳибмулк ё намояндаи ваколатдори мақомоти идоракунандаи он амалӣ намоянд, инчунин рафъи қонуншикании ошкоршударо талаб намоянд.

Бо мақсади амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва манфиатҳои аъзои худ иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бозрасии техникӣ ва ҳуқуқии меҳнат ва хадамоти ёрии ҳуқуқӣ дошта бошанд, ки салоҳияти онҳоро оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Намояндагони иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бо мақсади санҷиши риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат аз ҷониби корфармо, шахсони мансабдори он ба корхонаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар он аъзои иттифоқи касаба фаъолият менамоянд, бе мамониат ворид шаванд.

**Моддаи 23. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ба дастрас намудани маълумот**

Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз корфармо, субъектҳои хоҷагидорӣ, иттиҳодияҳои онҳо, инчунин аз мақомоти идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои меҳнат ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи ҳисоботи омории муқарраршуда ба таври ройгон маълумот дастрас намоянд.

**Моддаи 24. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба ба иштирок дар таълим ва такмили ихтисоси кадрҳои иттифоқҳои касаба**

1. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ дошта, омӯзиш, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси кадрҳои иттифоқи

касаба, таълими кормандон ва аъзои иттифоқи касабаро амалӣ намоянд.

2. Маблағгузории ин муассисаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои басташуда, метавонанд аз ҳисоби маблағҳои иттифоқҳои касаба, корфармо ва дигар манбаъҳои манънакардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шаванд.

**Моддаи 25. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоии давлатӣ**

Иттифоқҳои касаба ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро дар мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои таъмини иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ифода ва ҳимоя намуда, фаъолияти онҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати ҷамъиятӣ қарор медиҳанд.

**Моддаи 26. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба дар соҳаи ҳифзи саломатӣ**

1. Иттифоқҳои касаба моликияти ба онҳо мансуби муассисаҳои санаторию курортӣ ва истироҳатгоҳҳоро идора намуда, дар таъсис ва ташкили кори курортҳо, санаторияҳо, профилакторияҳо, истироҳатгоҳҳо, лагерҳои солимгардонии кӯдакону наврасон, ташкилотҳои зерсохтор кӯмаки моддию молиявӣ мерасонад ва ба рушди мадании оммавӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

2. Иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷумҳуриявии корфармоён созишнома баста, корҳои беҳтар намудани муолиҷаи санаторию курортӣ ва рушди муассисаҳои истироҳатӣ, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонии оммавӣ ва варзишро ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 27. Ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳои осоишта, намоишҳо, корпартоиҳо**

Иттифоқҳои касаба мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетгузориҳо ва роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳоро чун воситаи мубориза барои беҳтар намудани шароити меҳнат, баланд бардоштани музди кор, кам кардани бекорӣ, муттаҳид намудани меҳнаткашон дар мубориза барои ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, муҳофизат аз худсарии корфармо, таъсир расонидан ба мақомоти давлатӣ бо мақсади пеш бурдани ҳамон сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ, ки ба талаботи аъзои иттифоқи касаба ҷавобгӯ бошад, ташкил менамоянд ва мегузаронанд.

## БОБИ 3. КАФОЛАТИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

### Моддаи 28. Кафолати фаъолияти иттифоқи касаба

Аъзои мақомоти интихобии иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқ доранд:

- аз корхонаҳое, ки дар онҳо аъзои иттифоқҳои касаба кор мекунанд, бемамониат дидан намоянд, ба муҳити кори онҳо шинос шаванд;
- аз корфармо, шахси дигари мансабдор ҳуҷҷати дахлдор, маълумот ва тафсироте, ки ба шароити меҳнат, иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба меҳнат дахл доранд, талаб карда гиранд;
- ба корфармо, шахси мансабдор оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат бевосита ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ муроҷиат намояд.

### Моддаи 29. Кафолатҳо барои кормандоне, ки ба ҳайати мақомоти интихобии иттифоқҳои касаба интихоб шудаанд

1. Ба кормандони корхона, муассиса ё ташкилоте, ки ба мақомоти интихобии иттифоқҳои касаба интихоб шудаанд, барои иҷрои ваколатҳояшон кафолат дода мешавад.

2. Корфармо шартномаи (қарордоди) меҳнатиро бо кормандоне, ки роҳбари мақомоти иттифоқи касаба мебошанд, танҳо бо розигии пешакии мақомоти болоии иттифоқи касаба қатъ карда метавонад.

3. Ба аъзои мақомоти интихобии иттифоқҳои касаба, ки аз кори истеҳсолии худ озод нашудаанд, тибқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ имтиёзҳо пешбинӣ шуда метавонанд.

4. Мувофиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ аъзои мақомоти интихобии иттифоқҳои касаба дар вақти ба сифати вакил дар анҷуману конференсияҳое, ки иттифоқҳои касаба даъват мекунанд, иштирок карданашон, инчунин ҳангоми иштирокашон дар кори мақомоти он бо пардохти музди миёнаи моҳонаашон аз ҳисоби маблағҳои иттифоқҳои касаба ва корфармоён аз кори истеҳсолот озод карда мешаванд.

### Моддаи 30. Ӯҳдадории корфармо оид ба муҳайё намудани шароити мусоид барои фаъолияти иттифоқҳои касаба

1. Корфармо вазифадор аст оид ба муҳайё намудани шароити муносиб барои фаъолияти иттифоқҳои касаба дар корхона мусоидат намояд.

2. Мутобиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ корфармо метавонад мақоми интихобии иттифоқи касабаро бо бинои корӣ, таҷҳизоти зарурӣ, гармӣ, равшанӣ, воситаҳои алоқа, наклиёт ва дигар воситаҳое, ки барои фаъолияти он заруранд, таъмин намояд.

3. Дар сурати мавҷуд будани розигии хаттии кормандоне, ки аъзои иттифоқи касаба мебошанд, корфармо ҳар моҳ аз музди меҳнати аъзои иттифоқи касаба, ҳаққи аъзогии онҳоро тибқи

тартиби муқаррарнамудаи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба суратҳисоби иттифоқҳои касабаи дахлдор мегузаронад. Корфармо ҳуқуқ надорад, ки интиқоли маблағи мазкурро ба таъхир андозад.

## БОБИ 4. ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

### Моддаи 31. Ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба дар корхона

1. Ташкилотҳои иттифоқи касаба дар корхона ва қисмҳои таркибии сохтории онҳо ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоию иқтисодии аъзои иттифоқи касабаро ҳимоя менамоянд. Ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба тавассути мақомоти интихобии мутобиқи оинномаи (низомномаи) соҳавӣ таъсисдода ё тавассути намояндагии иттифоқи касабае, ки ваколатдори намояндагии манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба аст ва дар доираи муқаррароти пешбининамудаи ҳамин Қонун ва оинномаи (низомномаи) иттифоқи касаба амал менамояд, ваколатҳои худро амалӣ менамояд.

2. Дар сурати дар корхонаҳо мавҷуд будани якчанд ташкилоти иттифоқи касаба бо мувофиқаи байни онҳо ташкилоти иттифоқи касабае, ки аксарияти кормандонро муттаҳид месозад, ё дигар мақомоти намояндагии ташкилоте, ки теъдоди бештари кормандонро муттаҳид менамояд, тарафи созишнома ва ё шартномаи коллективӣ шуморида мешавад.

### Моддаи 32. Ваколатҳои мақомоти интихобии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба дар корхона

1. Мақомоти интихобии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба дар корхонаҳо чунин ваколатҳо дорад:

- созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ мебанданд ва иҷрои онро назорат менамояд, дар бораи иҷрои он дар маҷлиси умумии коллектив (конференсия) ҳисобот медиҳад, аз мақомоти дахлдор ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдореро, ки шартҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро иҷро накардаанд, талаб менамояд;
- якҷоя бо корфармо масъалаҳои ҷорӣ, тачдиди назар ва тағйир додани меъёрҳои меҳнатро ҳал менамояд;
- якҷоя бо корфармо масъалаҳои музди меҳнати кормандони корхона, шаклҳо ва низоми пардохти музди меҳнат, нархгузорӣ, ҷадвали тариф, тарҳи маошҳои вазифавӣ, шартҳои ҷорӣ намудан ва андозаи иловапулиҳо, изофапулӣ, мукофотпулӣ ва дигар пардохтҳои ҳавасмандгардонию ҷуброниро ҳал менамояд;
- якҷоя бо корфармо масъалаҳои вақти кор ва вақти истироҳатро ҳал менамояд, ҷадвали бастҳо ва додани рухсатиҳо, ҷорӣ кардани ҳисоби якҷояи вақти корро мувофиқа менамояд, ба изофакорӣ ва кор дар рӯзҳои истироҳат иҷозат медиҳад;

- якҷоя бо корфармо масъалаҳои рушди иҷтимоии корхона, беҳтар намудани шароити ҳифзи меҳнат, хизматрасонии моддию маишӣ ва тиббии кормандонро ҳал менамояд;

- дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, муайян ва тасдиқ кардани рӯйхат ва тартиби ба кормандон додани имтиёзҳои иҷтимоӣ иштирок менамояд;

- дар таҳияи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии корхона иштирок менамояд;

- ба бекор кардани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо корманд бо ташаббуси корфармо розигӣ медиҳад ё онро рад менамояд;

- дар санҷиши ҳодисаҳои нохуш, бемориҳои касбӣ ва садама, дар кори комиссия оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат иштирок менамояд;

- ҷиҳати аз тарафи корфармо пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои таъин намудани нафақаи кормандон ва аъзои оилаи онҳо назорати ҷамъиятӣ мебарад;

- манфиати шахсони суғурташударо дар комиссияи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ҳимоя намуда, кормандонро тибқи шартҳои пешбининамудаи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба санатория, профилактория, истироҳатгоҳҳо, муассисаҳои сайёҳӣ, пойгоҳҳо ва муассисаҳои солимгардонӣ равон мекунад ва ташкили хизматрасонии тиббиро ба кормандон ва аъзои оилаи онҳо месанҷад;

- манфиати кормандони корхонаҳои қарздорро дар марҳилаи муфлисшавӣ ҳимоя менамояд.

2. Мақомоти интихобии ташкилоти иттифоқи касаба, инчунин ҳуқуқҳои дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо доро мебошад.

**Моддаи 33. Тартиби додани розигӣ барои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо**

1. Мақомоти интихобии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнат дар давоми даҳ рӯз пешниҳоди асосноки корфарморо дар бораи қатъ кардани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо корманд баррасӣ менамояд.

2. Дар сурати ба ҷаласа ҳозир нашудани корманд ё намояндаи ӯ, баррасии пешниҳод то ҷаласаи дигар дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда мавқуф гузошта мешавад.

3. Дар сурати такроран бе сабаби узрнок ба ҷаласа ҳозир нашудани корманд, мумкин аст пешниҳод дар ҷоибии ӯ баррасӣ карда шавад.

4. Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба корфарморо аз қарори қабулкарда дар мӯҳлати як ҳафта аз санаи қабули он ба тариқи хаттӣ хабардор менамояд.

5. Қарори иттифоқи касаба дар бораи додан ё надодани розигӣ ба қатъи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бояд асоснок бошад.

## БОБИ 5. МОЛИКИЯТИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА, ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГӢ ВА МОЛИЯВӢ

**Моддаи 34. Моликияти иттифоқҳои касаба**

1. Иттифоқҳои касаба мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикиистон ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулк ва маблағҳое мебошанд, ки молики онҳоянд.

2. Моликияти иттифоқи касаба бинову иморат, иншоот, нақлиёт, муассисаҳои санаторию курортӣ, сайёҳҳ, варзишӣ, муассисаҳои солимгардонӣ, истироҳатгоҳҳо, марказҳои фарҳангию равшаннамоӣ, илмию таълимӣ, ташкилот, фонди манзилӣ, нашриёт, матбаа, қоғазҳои қиматнок, ҳаққи аъзогии иттифоқи касаба ва дигар маблағу моликияте буда метавонанд, ки аз ҳисоби манбаъҳои худ ташаккул ёфтаанд, инчунин аз шахсони сеюм ба ихтиёрдории мақомоти иттифоқҳои касаба вогузошта шудаанд.

3. Манбаъ, тартиби ташаккул ва истифодаи маблағи буҷети иттифоқи касабаро оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба муайян менамояд.

4. Иттифоқҳои касабаро аз ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодабарии молу мулке, ки барои идоракунии хоҷагидорӣ дода шудааст, танҳо бо қарори суд аз рӯи асосҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрум кардан мумкин аст.

5. Моликияти иттифоқҳои касабаро қонун ҳимоя менамояд.

**Моддаи 35. Фаъолияти молиявию хоҷагии иттифоқҳои касаба**

1. Фаъолияти молиявию хоҷагии иттифоқҳои касаба мувофиқи оинномаи (низомномаи) онҳо амалӣ мегардад.

2. Иттифоқҳои касаба мувофиқи оинннома (низомнома) ва мақсаду вазифаҳояшон ҳуқуқ доранд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои тиҷоратӣ, фондҳои ҷамъиятӣ ва дигар фондҳо таъсис диҳанд, инчунин бо фаъолиятиноширӣ ва молиявию хоҷагӣ машғул шаванд.

**Моддаи 36. Ҳуқуқи иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо дар бобати ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор**

1. Мақомоти иттифоқҳои касаба (на поёнтар аз сатҳи ноҳиявӣ) ҳуқуқ доранд аз роҳбари корхона, агар он қонунгузорӣ дар бораи меҳнат ва созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро вайрон намояд, қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатиро талаб намоянд.

2. Баррасии талаби мақомоти иттифоқи касаба ҳатмӣ мебошад.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 37. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни мазкурро риоя намекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 38. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 1992 «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1992, №7, мод. 101; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 9, мод. 117) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 39. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш.Душанбе**
**2 августи соли 2011 № 757**

## ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба»

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» қабул карда шавад.

2. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси амалӣ гардондани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» аз 12 марти соли 1992, №576 (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумхурии Точикистон, с. 1992, №7, мод. 102) аз эътибор соқит дониста шавад.

## ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба»

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи иттифоқҳои касаба» баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев

ш. Душанбе 21 июли соли 2011 № 205

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи корхонаҳои давлатӣ

(Конун аз 06.10.2008 № 426, аз 29.12.2010 № 659)

Қонуни мазкур ҳолати ҳуқуқии корхонаҳои давлатӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои моликони амволи онҳо, тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамхӯрии корхонаҳои давлатиро муайян мекунад.

## Боби 1.
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Корхонаи воҳиди давлатӣ - ташкилоти тиҷоратиест, ки ҳуқуқи ба амволи вобастакардаи молик соҳиб шуданро надорад.

Корхонаи давлатии фаръӣ - шахси ҳуқуқиест, ки дар назди дигар корхонаи давлатӣ, аз ҳисоби қисми моликияти он таъсис меёбад.

Пешбурди хоҷагидорӣ - ҳуқуқи маҳдуди молии корхонае, ки аз давлат чун молик амволро гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани ин амвол мебошад.

Идоракунии оперативӣ - ҳуқуқи маҳдуди молии корхонаи давлатӣ нисбати амволе, ки аз молик мутобиқи мақсадҳои фаъолияти худ, супоришҳои молик ва таъиноти амвол гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ин амволро дорад.

### Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи корхонаҳои давлатӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи корхонаҳои давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

### Моддаи 3. Намудҳои корхонаи давлатӣ

Ба корхонаҳои давлатӣ мансубанд:

а) корхонаҳои воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ;

б) корхонаи давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ.

Вобаста ба намудҳои моликияти давлатӣ корхонаҳо тақсим мешаванд:

а) ба корхонаҳое, ки таҳти моликияти ҷумҳуриявӣ қарор дорандкорхонаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ;

б) ба корхонаҳое, ки таҳти моликияти ҳокимияти маҳаллӣ қарор доранд - корхонаҳои давлатии коммуналӣ.

**Моддаи 4. Самтҳои асосии фаъолият ва вазифаҳои корхонаҳои давлатӣ**

Ҳалли вазифаҳои ичтимоию иқтисодӣ, ки талаботи ҷомеа ва давлатро муайян мекунанд, самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ мебошанд.

Вазифаҳои асосии корхонаҳои давлатӣ инҳоянд:

а) таъмини моддии қудрати мудофиавии давлат ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа;

б) истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ);

в) анҷом додани фаъолият дар соҳаҳое, ки ба вазифаҳои давлат мансубанд.

**Моддаи 5. Таъсиси корхонаҳои давлатӣ**

Корхонаи давлатии ҷумҳуриявӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

Корхонаи давлатии коммуналӣ бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

Муассиси корхонаи давлатӣ метавонад мақоми давлатие, ки барои таъсиси корхона қарор қабул кардааст, ё мақомоти идоракунии давлатии ваколатдоркардашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Муассисе, ки дар бораи таъсиси корхонаи давлатӣ қарор қабул кардааст, ҳақ дорад мақомоти давлатии дахлдорро ваколатдор намояд, ки қисме аз ҳуқуқҳои ӯро нисбати корхонаҳои давлатӣ татбиқ намояд. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти ваколатдоркардашуда нисбат ба корхонаи давлатӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳокимияти маҳаллӣ муайян карда мешавад.

Феҳристи корхонаҳои давлатии ҷумҳуриявиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Феҳристи корхонаҳои давлатии коммуналӣ аз тарафи раисони дахлдори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 6. Бақайдгирии давлатии корхонаҳои давлатӣ** (Конун аз 29.12.2010 № 659)

Корхонаи давлатӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он таъсисёфта ҳисобида шуда, ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

Бақайдгирии давлатии корхонаҳои давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» амалӣ карда мешавад (Конун аз 29.12.2010 № 659).

**Моддаи 7. Оинномаи корхонаи давлатӣ**

Оиннома ҳуҷҷати таъсисдиҳии корхонаи давлатӣ мебошад. Оинномаи корхонаи давлатӣ аз тарафи муассиси он ё мақоми аз тарафи муассис ваколтдоршуда тасдиқ карда мешавад.

Оинномаи корхонаи давлатӣ бояд инҳоро дар бар гирифта бошад:
- намуди корхона (воҳиди давлатӣ ё давлатӣ);
- номи он;
- маҳалли ҷойгиршавии корхона;
- соҳа ва мақсадҳои фаъолияти он;
- ваколатҳои роҳбар;
- тартиби кор;
- тартиби ташаккули амволи корхона ва тақсими даромадҳо;
- шартҳои азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхона;
- андозаи фонди оинномавӣ ва тартиби ташкили он;
- дигар муқарраароте, ки мухолифи қонунгузорӣ нестанд.

Дар оинннома инчунин муносибати байни корхона ва муассис ё мақомоти ваколатдор, маъмурияти корхона ва корманд (кормандон, дар мавриди баста шудани шартномаи меҳнатии коллективона) муайян карда мешавад.

**Моддаи 8. Номи фирмавии корхонаи давлатӣ**

Номи фирмавии корхонаи давлатӣ бояд дорои нишондод ба соҳиби амвол будан, мансубият ба намуди моликияти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ё коммуналӣ)-ро дошта бошад.

Номи фирмавии корхонаи ҳуқуқи пешбурди хоҷагидори дошта, бояд дорои нишондод ба корхонаи воҳиди давлатӣ будани онро дошта бошад.

Номи фирмавии корхонаи ҳуқуқи идораи оперативӣ дошта, бояд дорои нишондод ба корхонаи давлатӣ будани онро дошта бошад.

Корхонаи давлатӣ дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи фирмавии корхона мебошад.

**Моддаи 9. Соҳа ва мақсадҳои фаъолияти корхонаҳои давлатӣ**

Соҳа ва мақсадҳои фаъолияти корхонаи давлатӣ аз тарафи муассис ё мақоми ваколатдор муайян карда шуда, дар оинномаи корхона инъикос меёбанд ва бояд мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

Аз тарафи муассис ё мақоми ваколатдор ба корхонаи давлатӣ додани вазифаҳои давлатии назоратӣ ё иҷозатдиҳӣ манъ аст.

Аз тарафи корхона амалӣ намудани фаъолият, инчунин содир намудани аҳде, ки ба соҳа ва намуди фаъолияти дар оинннома нишон додашуда ҷавобгӯ нест, танҳо баъди ба оинномаи корхона ворид намудани тағйиру иловаҳо тибқи қонугузорӣ имкон дорад.

Аз тарафи корхона содир намудани аҳди мухолифи мақсадҳои фаъолияти он, ки дар оинннома муайян шудаанд, аз тарафи суд тибқи тартиботи муқарранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад беэътибор дониста шавад.

**Моддаи 10. Мақомоти ваколатдори давлат**

Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мақомоти идоракунии давлатии корхонаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ, инчунин мақомоти

нисбати онҳо вазифаи субъекти ҳуқуқи моликияти давлатиро адокунанда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти давлатии идоракуние, ки аз тарафи ӯ ваколатдор шудааст, баромад менамояд.

Мақомоти идоракунии давлатии корхонаҳои давлатии коммуналӣ, инчунин мақомоти нисбати онҳо вазифаи субъекти ҳуқуқи моликияти давлатиро адокунанда мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ё мақомоти ваколатдоршудаи онҳо ҳисобида мешаванд.

Анҷом додани вазифаҳои субъекти ҳуқуқи моликияти давлатии дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи мазкур пешбинишуда салоҳияти қабули қарорро дар бораи саҳҳомикунонӣ ё хусусигардонии корхонаи давлатӣ дар бар намегирад.

**Моддаи 11. Идоракунии корхонаи давлатӣ**

Идоракунии давлатии корхонаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти ба он ваколатдоршуда анҷом медиҳанд.

Мақоми идоракунии корхонаи давлатӣ роҳбари он ҳисобида мешавад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти ваколатдор таъин карда мешавад.

Муносибат бо роҳбари корхонаи давлатӣ тавассути шартнома сурат мегирад. Дар шартнома бояд ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти роҳбари корхона, шароити меҳнат, истироҳат ва таъминоти моддӣ, мӯҳлати шартнома ва дигар шартҳои пешбиникардаи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гарданд.

Роҳбари корхонаи давлатӣ дар назди соҳибмулк нисбати ҳолати кори корхона масъулияти шахсӣ дорад.

Роҳбари корхонаи давлатӣ дар асоси принсипҳои яккасардорӣ фаъолият мекунад ва ҳама масъалаҳои фаъолияти корхонаро мутобиқи салоҳияташ, ки бо Қонуни мазкур ва Оинномаи корхона муайян мешаванд, мустақилона ҳал менамояд.

Роҳбари корхонаи давлатӣ бе ваколатнома аз номи корхона амал мекунад, манфиатҳои онро дар муносибатҳояш бо мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ намояндагӣ менамояд, шартномаҳо мебандад, ваколатномаҳо медиҳад, суратҳисобҳои бонкӣ мекушояд ва дигар аҳду амалйоро, ки мухолифи қонунгузорӣ нестанд, анҷом медиҳад.

**Моддаи 12. Амволи корхонаи давлатӣ**

Амволи корхонаи давлатиро фондҳои асосӣ ва воситаҳои муомилотӣ, инчунин арзишҳое ташкил медиҳанд, ки нархи онҳо дар тавозуни корхона инъикос меёбанд.

Амволи корхонаи давлатӣ тақсимнашаванда аст ва наметавонад аз рӯзи саҳмҳо (ҳиссаҳо, пайҳо), аз ҷумла ба кормандони корхона дода шавад.

Амволи корхонаи давлатӣ аз ин ҳисоб ташкил меёбад:

а) амволи аз тарафи молик додашуда;

б) амволи (аз ҷумла даромади пулии) дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ба дастомада;

в) дигар манбаъҳо, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

**Моддаи 13. Нигоҳ доштани ҳуқуқи корхонаи давлатӣ ба амвол**

Ҳангоми тибқи тартиботи қонунгузорӣ додани корхонаи давлатӣ аз моликияти ҷумҳуриявӣ ба моликияти коммуналӣ, ҳамчунин баракси он ё аз ихтиёри як мақомоти давлатии идоракунӣ ба мақомоти дигар, чунин корхона ҳуқуқи хоҷагидорӣ ё ҳуқуқи идораи оперативиро вобаста ба вазъи молики корхона нисбати амволи мутаалиқи он нигоҳ медорад.

**Моддаи 14. Корхонаи давлатӣ ҳамчун комплекси амволӣ**

Корхонаи давлатӣ дар маҷмӯъ ҳамчун комплекси амволи ғайриманқул дониста мешавад ва объекти ҳуқуқи моликияти давлатӣ ҳисобида мешавад.

Ба таркиби корхона, чун комплекси амволӣ, ҳамаи намудҳои амволи барои фаъолияти он таъиншуда, аз ҷумла бино, иншоот, таҷҳизот, асбобу ускона, ашёи хом, маҳсулот, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҳуқуқи талаб кардани қарз, ҳуқуқи ифодакунии фардикунонии фаъолияти он (номи он, нишони мол), инчунин дигар ҳуқуқҳои мустасно шомиланд. Аҳд нисбати корхонаи ҷумҳуриявии давлатӣ (гарав, конссесия), ки корхона ба сифати комплекси ягонаи амволӣ ҳисоб меёбад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нисбати корхонаи коммуналӣ бошад, бо санади мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баста мешавад.

**Моддаи 15. Мусодираи даромади ғайриқонунии корхонаи давлатӣ**

Даромаде, ки корхонаи давлатӣ аз фаъолияти манъшудаи дар оиннома пешбининашуда гирифтааст ва барои ин вай аз мақоми ваколатдор иҷозатнома надорад, инчунин даромаде, ки дар натиҷаи баланд кардани нархҳои муқарраршудаи фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизматҳо ба даст омадааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешавад.

**Моддаи 16. Шикояти корхонаи давлатӣ нисбати амалҳои мақомоти давлатӣ**

Корхона ҳуқуқ дорад бо тартиби муқарраркардаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амали мақомоти давлатӣ, аз ҷумла амалҳои мақомоти ваколатдор, ки ба мусодираи фоидаи корхона, азнавтақсимкунии амвол, ҷойгир намудани супоришҳои давлат, муқаррар кардани нархи ба моли (кори, хизматрасонӣ) истеҳолии корхона, инчунин дигар амалҳое, ки ҳуқуқи корхонаро вайрон мекунанд, ба суд даъво пешниҳод кунад.

**Моддаи 17. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхонаи давлатӣ**

Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхонаи давлатӣ бо ин роҳ сурат мегирад:

- нисбати корхонаи давлатии моликияти ҷумҳуриявӣ - бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нисбати корхонаи давлатии моликияти коммуналӣ - бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ.

Корхонаи давлатӣ мумкин аст бо асосҳои дигари пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад.

Амволи боқимондаи корхонаи барҳамдодашуда баъди қонеъ гардонидани талаботи кредиторҳо аз тарафи молик ё мақоми ваколатдор аз нав тақсим карда мешавад.

Маблағҳои боқимондаи корхонаи барҳамдодашуда, аз ҷумла маблағҳои дар натиҷаи фурӯши амволи ин корхона ба дастомада баъди қонеъ кардани талаботи кредиторҳо ба даромади буҷетӣ дахлдор ворид мешаванд.

**Моддаи 18. Хусусигардонии корхонаи давлатӣ**

Хусусигардонии корхонаи давлатӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 19. Иттиҳодияҳои корхонаҳои давлатӣ**

Корхонаҳои давлатӣ метавонанд ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) муттаҳид шаванд.

Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар асоси шартнома, мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, бо мақсади васеъ шудани имкониятҳои корхонаҳо дар тараққиёти истеҳсолӣ, илмию-техникӣ ва иҷтимоӣ, инчунин барои намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои амволии корхонаи таркиби ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис меёбанд.

Ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) корхонаҳои давлатӣ шахси ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳуҷҷати таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсисии аз ҷониби аъзоёни он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошад.

Корхонаҳое, ки ба ҳайати ассотсиатсия (иттифоқ) дохил шудаанд, мустақилият ва ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Мақомоти роҳбарикунандаи ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқи ихтиёрдориро нисбати корхонаҳои шомили ассотсиатсия (иттифоқ) надоранд ва вазифаҳои худро дар асоси шартнома бо корхонаҳо иҷро менамоянд.

Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар асосҳои зерин таъсис меёбанд:

- ихтиёран ворид шудани корхона ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ва аз таркиби он баромадан бо шартҳои муайянкардаи оинномаи ассотсиатсия (иттифоқ);

- риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- озодии интихоби шакли ташкилии ассотсиатсия (иттифоқ).

Ассотсиатсия (иттифоқ) дорои номи фирмавӣ буда, дар он мақсади асосии фаъолияти он ва аъзоёнаш бо иловаи калимаҳои «ассотсиатсия» ё «иттифоқ» нишон дода мешавад.

Ассотсиатсия (иттифоқ) аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад.

Корхонаи давлатӣ, ки узви ассотсиатсия (иттифоқ) мебошад, аз рӯи ӯҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ) мувофиқи андоза ва тартиб, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисёбии ассотсиатсия (иттифоқ) пешбинӣ шудаанд, ҷавобгарии субсидиарӣ дорад.

## Боби 2.
## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ

### Моддаи 20. Фаъолияти корхонаи воҳиди давлатӣ

Корхонаи воҳиди давлатӣ метавонад баробари дигар корхонаҳои таъсисёфта дар соҳаҳои зерин амал намояд:

- тарҳрезӣ, истеҳсол ва таҳвили маҳсулот барои эҳтиёҷоти давлат, аз қабили яроқи ҷангӣ, лавозимоти ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ, амволи дигари ҳарбӣ, маснуоти масолеҳи комплектонӣ, бо мақсади таҳкими қобилияти мудофиавӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барҳамдиҳӣ (нобудсозӣ, партовкунонӣ, гӯрондан) ва коркарди воситаҳои ҳарбию-техникии бекоршуда;

- истихроҷ, истеҳсол, ҳамлу нақл, коркард, гӯркунӣ, фурӯши уран ва дигар моводи радиоактивӣ, ба андозаи зиёда аз меъёри истифодаи онҳо, бе зарурати истифодаи воситаҳои махсуси муҳофизат;

- тайёр кардан ва фурӯхтани дорувор, воситаҳои табобатӣ, таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ;

- анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳое, ки ба монополияи давлатӣ мутааллиқанд;

- анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи таъмини қувваи барқ, об, гармӣ ва газ;

- расонидани хизмат тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва истифодаи умумӣ, интиқоли ҳавоии бор ва мусофирон;

- расонидани хизмати алоқа (аз ҷумла алоқаи почта) ва телекоммуникатсионӣ, истифодаи хатҳои алоқаи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- расонидани хизмат дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ ва манзилӣ, инчунин дигар системаҳои таъмини ҳаёт дар инфрасохтори ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки вобаста ба эътибурнокии ҳолати монополияи табиӣ ва аҳамиятнокии иҷтимоию иқтисодиашон идораи бевоситаи давлатиро тақозо доранд;

- дар соҳаи бонкӣ, суғуртавӣ ва дигар фаъолияти қарзию молиявӣ;

- анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш;

- анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи телевизион (аз ҷумла телевизиони кабелӣ) ва радиошунавонӣ, фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ;

- анҷом додани фаъолияти дигари истеҳсолию хоҷагӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд;

- дар дигар соҳаҳои фаъолият мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 21. Фонди оинномавӣ ва захиравии корхонаи воҳиди давлатӣ**

Андозаи фонди оинномавии корхонаи воҳиди давлатӣ аз тарафи муассиси он муайян мегардад ва аз арзиши умумии амволи ба корхона додашаванда зиёд буда наметавонад. Андозаи фонди оинномавӣ аз андозаи панҷсадкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам буда наметавонад (Конун аз 06.10.2008с. №426).

Фонди оинномавӣ бояд пурра аз тарафи молик (муассис) дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ ташкил ёбад (Конун аз 29.12.2010 № 659).

Корхонаи воҳиди давлатӣ вазифадор аст фонди захиравиро, ки дар оинномаи он муайян гардидааст, ташкил намояд.

Маблағи фонди захиравӣ танҳо барои пӯшонидани зарар, иҷрои ӯҳдадориҳо дар назди буҷет, пардохти қарзҳои давлатӣ ва фоизи онҳо, дар мавридҳои нокифоягии дигар маблағҳои корхона истифода мешавад.

**Моддаи 22. Салоҳияти молик (муассис) ва мақомоти ваколатдори давлатӣ**

Нисбати корхонаи воҳиди давлатӣ муассис ё мақомоти ваколатдори давлатӣ ваколатҳои зеринро иҷро мекунанд:

- оинномаи корхонаро тасдиқ мекунанд ва чун муассиси он баромад мекунанд;

- директори (роҳбари) корхонаро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунанд;

- супоришҳои давлатиро ба корхона мерасонанд ва иҷрои онҳоро назорат мекунанд;

- меъёрҳои тақсими фоидаеро, ки дар ихтиёри корхона боқӣ мондааст, тасдиқ мекунанд;

- ба содир кардани аҳдҳо нисбати амволе, ки розигии моликро талаб мекунад, иҷозат медиҳанд;

- дигар масъалаҳоеро, ки Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти вай мансуб донистаанд, ҳал менамоянд.

**Моддаи 23. Нархи молҳое, ки корхонаи воҳиди давлатӣ истеҳсол менамояд**

Нархи моле (кор, хизматрасонӣ), ки корхонаи воҳиди давлатӣ истеҳсол менамояд, бояд хароҷоти ба истеҳсоли он сарфшударо пурра пӯшонад, фаъолияти безарарии он ва маблағгузориро аз ҳисоби даромадҳои худӣ таъмин намояд.

Нархи молҳое (кор, хизматрасонӣ), ки аз тарафи корхонаи воҳиди давлатӣ истеҳсол ва фурӯхта мешаванд, вобаста ба талабот ва таклифот ба онҳо ташкил карда мешаванд.

Танзими давлатии нарх бо мақсади роҳ надодан ба ҷойгиршавии монополӣ дар бозори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), мутобиқи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 24. Маблағгузории фаъолияти корхонаи воҳиди давлатӣ**

Фаъолияти корхонаи воҳиди давлатӣ аз ҳисоби даромади худӣ ва аз рӯи нақшаи молиявии тасдиқкардаи молик маблағгузорӣ мешавад.

Корхонаи воҳиди давлатӣ аз ҳисоби даромадҳои худии фаъолияташ нигоҳ дошта мешавад.

Корхонаи воҳиди давлатӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

Фоидае, ки корхонаи воҳиди давлатӣ баъди пардохти андозҳо ба даст медарорад, аз ҷониби он бо тартиби пешбининамудаи оинномааш мустақилона тақсим карда мешавад.

**Моддаи 25. Музди меҳнати кормандони корхонаи воҳиди давлатӣ**

Андозаи фонди музди меҳнати корхонаи воҳиди давлатӣ аз ҷониби роҳбари он дар мувофиқа бо молик муқаррар карда мешавад. Шаклҳои пардохти музди меҳнат, ҷадвали (рӯйхати) штатӣ, андозаи маошҳои мансабӣ, системаи мукофотонӣ ва дигар ҳавасмандгардониҳо аз ҷониби корхонаҳои воҳиди давлатӣ мустақилона муайян мегардад.

Андозаи маошҳои мансабии роҳбари корхонаи воҳиди давлатӣ, муовинон ва сармуҳосиб, системаи мукофотонии онҳо ё дигар ҳавасмандгардониҳо аз ҷониби молик муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 26. Фаъолияти иктисодии хориҷии корхонаи воҳиди давлатӣ**

Корхонаи воҳиди давлатӣ фаъолияти иқтисодии хориҷиро бо тартиби муқаррарнамудаи оинынома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад. Даромади асъорӣ, ки баъди пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ҳисоби корхона боқӣ мемонад, тибқи нишондоди оинномаи корхонаи воҳиди давлатӣ мустақилона тақсим карда мешавад.

Истифодаи асъоре, ки дар ихтиёри корхонаи воҳиди давлатӣ боқӣ мондааст, аз ҷониби он мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## Боби 3.
## КОРХОНАИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 27. Таъиноти корхонаи давлатӣ**

Корхонаи давлатӣ метавонад баробари корхонаҳои дигари таъсис ёфта дар соҳаҳои зерини муқаррар намудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд:

- нигоҳдорӣ ва инкишофи шабакаи роҳҳои давлатии автомобилгард ва дигар объектҳои инфрасохтор, ки барои онҳо тибқи қонунгузорӣ тартиби махсуси маблағгузорӣ муқаррар шудааст;
- иҷрои корҳои наҷотбахшӣ дар кӯҳсор ва дигар корҳои махсус дар вазъияти фавқуллода ва садамавӣ, ҳифз аз сӯхтор, обхезиҳо ва дигар фалокатҳои табиӣ;
- анҷом додани фаъолияти истеҳсолӣ дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- истеҳсоли корҳои топографию геодезӣ ва картографӣ;
- анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш;
- анҷом додани дигар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд.

**Моддаи 28. Объекти ҳуқуқи идораи оперативӣ**

Объекти ҳуқуқи идораи оперативӣ метавонад танҳо амволи давлатӣ бошад, агар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ё дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

Корхонаи давлатӣ танҳо он амволеро таҳти ҳуқуқи идораи оперативӣ қарор дода метавонад, ки он барои таъмини фаъолияти оинномавиаш зарур аст.

**Моддаи 29. Ба даст овардан ва қатъи ҳуқуқи идораи оперативӣ**

Ба даст овардан ва қатъи ҳуқуқи идораи оперативӣ дар асоси шартҳою тартиботи пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ба даст овардан ва қатъи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёҳ сурат мегирад, агар дар Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати дигар муқаррар нашуда бошад.

Корхонаи давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки тибқи аҳдҳои ҳуқуқии гражданӣ амволеро, ки ба фондҳои асосӣ дохил мешаванд бе розигии молик аз худ кунад.

Корхонаи давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки аз кредитҳои бонкӣ бе иҷозати молик истифода барад.

**Моддаи 30. Ҳуқуқи молики амвол, ки ба идораи оперативии корхонаи давлатӣ дода шудааст**

Молики амволе, ки дар ҳолати идораи оперативии корхонаи давлатӣ қарор дорад, мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва Қонуни мазкур масъалаи таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхона, муайян кардани соҳа, мақсадҳо ва вазифаҳои фаъолияти онро ҳал мекунад.

Молик истифода ва нигоҳдории амволи ба ихтиёри корхонаи давлатӣ додашударо назорат мекунад.

**Моддаи 31. Ҳуқуқи молик ба гирифтан ва азнавтақсимкунии амвол**

Молики амволи ба ихтиёри корхонаи давлатӣ додашуда ҳуқуқ дорад, ки ин амволро гирад ё байни дигар шахсони ҳуқуқии таъсисдодааш бо назардошти худ тақсим кунад, агар дар санадҳои қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 32. Ихтиёрдории амволи корхонаи давлатӣ**

Корхонаи давлатӣ метавонад амволи ба вай вобаста шуда ва амволи аз ҳисоби маблағҳои дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории худ гирифтаашро бо розигии молик бегона ё ихтиёрдорӣ намояд.

Корхонаи давлатӣ маҳсулоташро бо розигии молик мефурӯшад.

Тартиби тақсими даромади корхонаи давлатиро молик муайян менамояд.

**Моддаи 33. Фаъолияти хоҷагидории корхонаи давлатӣ**

Фаъолияти хоҷагидории корхонаи давлатӣ бо мақсаду вазифаҳои он, ки дар оинномааш зикр шудаанд, инчунин тавассути супориши давлатӣ, ки аз ҷониби молик ба корхона расонида мешавад, муайян мегардад.

Фаъолияти хоҷагидорие, ки дар оинномa пешбинӣ нашудааст, танҳо бо иҷозати молик бо минбаъд ворид кардани тағйиру иловаҳо ба оинномa, имкон дорад (Конун аз 29.12.2010 № 659).

**Моддаи 34. Табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи давлатӣ**

Табдили корхонаи воҳиди давлатии шакли ҷумҳуриявии моликият ба корхонаи давлатӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақомоти ваколатдор сурат мегирад.

Табдили корхонаи воҳиди давлатии шакли моликияти коммуналӣ ба корхонаи давлатӣ бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ сурат мегирад.

Қарор дар бораи табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи давлатӣ дар мавридҳои зерин мумкин аст:

а) истифодаи ғайримақсадноки амволи давлатӣ ва маблағҳо аз ҷониби корхонаи воҳиди давлатӣ;

б) набудани фоида аз рӯи ҷамъбасти ду соли охир.

Ҳамаи хароҷоти табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи давлатӣ, инчунин ҳисоббаробаркуниҳои корхонаи табдилёбанда бо кредиторҳои он ҳангоми мавҷуд набудани маблағҳои кофӣ дар худи корхона дар асоси маблағҳои буҷети дахлдор сурат мегирад.

Корхонаи давлатии дар заминаи корхонаи воҳиди давлатӣ таъсисёбанда дар ин ҳолатҳо вориси корхонаи табдилёфта мебошад:

- бо амволи давлатӣ ва маблағҳои пештар ба корхонаи воҳиди давлатӣ додашуда;
- бо ҳуқуқи истифодаи замин, об ва табиат;
- бо истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- бо пешниҳоди квотаҳо, иҷозатномаҳо ва шартномаҳои пештар басташуда, агар ин шартномаҳо ба соҳа ва мақсадҳои фаъолияти корхонаи давлатии нави таъсисёбанда мувофиқат кунанд.

Ҳангоми табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи давлатӣ тартиботи граждании ҳуқуқии амволи ба он вобасташуда аз ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ба ҳуқуқи идораи оперативӣ иваз мешавад. Лаҳзаи ин таҷйирёбӣ чун санаи қабули қарор дар бораи табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи давлатӣ дониста мешавад.

## Боби 4.
## КОРХОНАИ ДАВЛАТИИ ФАРЪӢ

### Моддаи 35. Таъсиси корхонаи давлатии фаръӣ

Танҳо корхонаи воҳиди давлатӣ ҳуқуқи таъсиси корхонаи давлатии фаръиро дорад.

Корхонаи давлатии фаръӣ, ки моликияти ҷумҳуриявӣ мебошад, бо мувофиқаи молики корхонаи асосӣ таъсис дода мешавад.

Корхонаи давлатии фаръӣ, ки моликияти коммуналӣ аст, бо мувофиқаи молики корхонаи асосӣ таъсис меёбад.

Оинномаи корхонаи давлатии фаръиро муассиси он бо розигии мақоми болоии идораи давлатӣ тасдиқ мекунад.

Корхонаи давлатии фаръӣ ҳуқуқи таъсиси дигар корхонаи фаръиро надорад.

### Моддаи 36. Ҳолати ҳуқуқии корхонаи давлатии фаръӣ

Корхонаи давлатии фаръӣ дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис дода мешавад ва дорои ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои чунин навъи корхонаҳои давлатӣ мебошад.

Масъулияти корхонаи фаръӣ аз рӯи ӯҳдадориҳояш, инчунин масъулияти корхонаи онро таъсисдода нисбати ӯҳдадориҳои корхонаи

фаръӣ мувофиқи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 37. Мақсадҳои таъсиси корхонаҳои давлатии фаръӣ**

Корхонаҳои давлатии фаръӣ бо ин мақсадҳо таъсис меёбанд:

а) тақсимшавӣ ё ҷудошавӣ аз корхонаи асосӣ ба сабаби талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

б) табдили филиалҳои корхонаи асосӣ ба шахсони ҳуқуқии дорои тавозуни (баланси) алоҳида;

в) таъсиси истеҳсолоти иловагӣ ва махсус барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти асосӣ;

г) озод шудани корхонаи асосӣ аз навъҳои фаъолият ва вазифаҳои бо мақсаду вазифаҳояш мувофиқ набуда.

**Моддаи 38. Мақомоти ваколатдори давлатӣ**

Мақоми идораи давлатии корхонаи давлатии фаръӣ, инчунин мақомоти нисбати он анҷомдиҳандаи вазифаи субъекти ҳуқуқи моликияти давлатӣ корхонаи асосӣ аст.

Корхонаи давлатии фаръии корхонаи воҳиди давлатӣ, ки ба моликияти ҷумҳуриявӣ тааллуқ дорад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба корхонаи воҳиди давлатӣ табдил ёбад.

Корхонаи давлатии фаръии корхонаи воҳиди давлатии моликияти коммуналӣ бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ метавонад ба корхонаи воҳиди давлатии моликияти коммуналӣ табдил ёбад.

**Моддаи 39. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. Раҳмонов**

**аз 28 феврали соли 2004 № 10**
**ш. Душанбе**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ РӮЗҲОИ ИД

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 №834,
аз 28.12.2012 № 917, аз 28.12.2012 № 918)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии таҷлили рӯзҳои идро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

**Моддаи 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзҳои ид**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзҳои ид ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 2. Рӯзҳои ид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои зерин ҳамчун рӯзҳои ид қайд карда мешаванд:

- Соли нав - 1 январ;
- Рӯзи кормандони гумрук - 22 январ;
- Рӯзи кормандони соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 25 январ (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 917);
- Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 23 феврал;
- Рӯзи Модар - 8 март;
- Рӯзи матбуот - 11 март;
- Иди Сада - якшанбеи дуюми моҳи март;
- Рӯзи зиёиёни эҷодкор - 20 март;
- Иди байналмилалии Наврӯз - 21-24 март;
- хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 834);
- Рӯзи иқтисодчиён - 8 апрел;
- Рӯзи Қӯшунҳои дохилӣ - 10 апрел;
- Рӯзи байналмилалии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангӣ - 18 апрел;
- Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе - шанбеи сеюми моҳи апрел;
- Рӯзи илми тоҷик - якшанбеи сеюми моҳи апрел;
- Рӯзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ - 26 апрел;
- Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон - 1 май;
- Рӯзи кормандони мақомоти андоз - 4 май;
- Рӯзи радио ва кормандони соҳаҳои алоқа - 7 май;
- Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ - 9 май;
- Рӯзи Шашмақом - 12 май;
- Рӯзи байналмилалии оила - 15 май;
- Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон - 23 май;
- Рӯзи адвокатҳо - 26 май;

- Рӯзи Қӯшунҳои сарҳадӣ - 28 май;
- Рӯзи кимёгарон - якшанбеи охири моҳи май;
- Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон - 1 июн;
- Рӯзи байналмилалии муҳити зист ва рӯзи обуҳавошиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон - 5 июн (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 918);
- Рӯзи кормандони савдо, хизмати маишӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ - якшанбеи якуми моҳи июн;
- Рӯзи кормандони саноати сабук - якшанбеи дуюми моҳи июн;
- Рӯзи Ваҳдати миллӣ - 27 июн;
- Рӯзи байналмилалии кормандони кооператсия 6 июл;
- Рӯзи маъюбон - 8 июл;
- Рӯзи моҳипарварон - якшанбеи дуюми моҳи июл;
- Рӯзи металлург - якшанбеи сеюми моҳи июл;
- Рӯзи кормандони нақлиёти автомобилӣ - 25 июл;
- Рӯзи кормандони сӯхторнишонӣ - 30 июл;
- Рӯзи варзишгарон - 10 август;
- Рӯзи кормандони сохтмон - якшанбеи дуюми моҳи август;
- Рӯзи кормандони хадамоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ - 17 август;
- Рӯзи кормандони роҳи оҳан - 17 август;
- Рӯзи кормандони соҳаи тиб -18 август;
- Рӯзи ихтироъкорон ва навоварон - якшанбеи сеюми моҳи август;
- Рӯзи ангиштканон - якшанбеи охири моҳи август;
- Рӯзи амалиёти иттифоқи касаба барои сулҳ 1 сентябр;
- Рӯзи дониш - 1 сентябр;
- Рӯзи авиатсия - 3 сентябр;
- Рӯзи Гвардияи миллӣ - 3 сентябр;
- Рӯзи китоб - 4 сентябр;
- Рӯзи кормандони саноати нафту газ якшанбеи аввали моҳи сентябр;
- Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 9 сентябр;
- Рӯзи мелиораторон - 13 сентябр;
- Рӯзи роҳсозон - якшанбеи дуюми моҳи сентябр;
- Рӯзи кормандони ҷангал - якшанбеи сеюми моҳи сентябр;
- Рӯзи Рӯдакӣ - 22 сентябр;
- Рӯзи мошинсозҳо - якшанбеи охири моҳи сентябр;
- Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ - 30 сентябр;
- Рӯзи кӯҳансолон - 1 октябр;
- Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 октябр;
- Рӯзи омӯзгорон - якшанбеи якуми моҳи октябр;
- Рӯзи кишоварзӣ - 8 октябр;
- Рӯзи Фалак - 10 октябр;
- Рӯзи кормандони адлия ва суд - якшанбеи дуюми моҳи октябр;
- Рӯзи киноии тоҷик -16 октябр;
- Иди Меҳргон - якшанбеи сеюми моҳи октябр;
- Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон - 6 ноябр;

- Рӯзи театри тоҷик - 7 ноябр;
- Рӯзи милитсия - 10 ноябр;
- Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябр;
- Рӯзи кормандони мақомоти молия - 7 декабр;
- Рӯзи геологҳо - 9 декабр (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 №834);
- Рӯзи ҳуқуқи инсон - 10 декабр;
- Рӯзи кормандони прокуратура - 14 декабр;
- Рӯзи байналмилалии муҳоҷирон - 18 декабр;
- Рӯзи энергетика - 22 декабр;
- Рӯзи кормандони мақомоти амнияти миллӣ- 28 декабр;
- Иди Рамазон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи дин муқаррар карда мешавад;
- Иди Қурбон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи дин муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 3. Рӯзҳои иди ғайрикорӣ**

Рӯзҳои зерини ид рӯзҳои ғайрикорӣ дониста мешаванд:
- 1 январ - Соли нав;
- 8 март - Рӯзи Модар;
- 21-24 март - Иди байналмилалии Наврӯз;
- 1 май - Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон;
- 9 май - Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
- 27 июн - Рӯзи Ваҳдати миллӣ;
- 9 сентябр - Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 6 ноябр - Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Рӯзи иди Рамазон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи дин муқаррар карда мешавад;
- Рӯзи иди Қурбон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи дин муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 4. Афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои ид**

Дар рӯзҳои ид Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон афрохта мешавад.

**Моддаи 5. Чорабиниҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар рӯзҳои ид**

1. Ба муносибати рӯзҳои ид бо ташаббуси мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва коллективҳои меҳнатӣ чорабиниҳои ҷамъиятию сиёсӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.
2. Парадҳои ҳарбӣ, салютҳои артиллерӣ ва мушакпарронӣ дар рӯзҳои ид бо тартиби муқарраргардида гузаронида мешаванд.

**Моддаи 6. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995 «Дар бораи рӯзҳои ид» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №21, мод.237; с. 1998, №10, мод.125; №23-24, мод.338; с. 1999, №5, мод.76; №12, мод.308; с. 2002, №4, қ.1, мод.191; мод.194; мод.197; с. 2003, №4, мод. 132; №8, мод.449; №12, мод.678; с. 2004, №5, мод.350; №12, қ. 1, мод.697; с. 2005, №3, мод.131; №12, мод.658; с. 2008, №1, қ.2, мод.9; №3, мод. 188; №12, қ.1, мод.988; с. 2009, №5, мод.319; №7-8, мод.493; №11, мод.698; мод.699; с. 2010, №7, мод.544; мод.548) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 7. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе**
**2 августи соли 2011 № 753**

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи рӯзҳои ид»

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 3 ноябри соли 1995, №99 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №21, мод. 238) аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Зуҳуров

ш.Душанбе, 22 июни соли 2011, № 481

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи рӯзҳои ид» баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев

ш. Душанбе, 21 июли соли 2011 № 201

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.328)**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муайян намудани ҳадди ақали зиндагӣ, баҳисобгирии он ҳангоми ба шаҳрвандон таъин кардани кӯмакҳои давлатии иҷтимоӣ, инчунин кафолати давлатии гирифтани даромади ҳадди ақали пулӣ ва дар мавриди татбиқи дигар тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- сабади истеъмолӣ – маҷмӯи ҳадди ақали маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, ки барои нигаҳдории саломатии инсон, таъмини ҳаёт ва фаъолияти ӯ заруранд;
- ҳадди ақали зиндагӣ – арзиши сабади истеъмолӣ ва маблағи пардохтҳои ҳатмӣ;
-ҳадди камбизоатӣ - меъёри даромадҳо барои қонеъ гардонидани талаботи ҳаётан муҳими инсон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ муқаррар карда шудааст;
- гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ – гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз рӯи аломатҳои ҷинсию синнусолӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва сатҳи таъминоти моддӣ муттаҳид мебошанд (аҳолии қобили меҳнат, нафақахӯрон ва кӯдакон);
- сатҳи зиндагӣ – маҷмӯи неъматҳои моддию маънавӣ ва хизматрасонӣ, ки талаботи ҳаётан муҳими одамонро қонеъ мегардонанд;
- кӯмаки иҷтимоии давлатӣ – кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, субсидияҳо, ҷубронпулиҳо, хизматрасонии иҷтимоӣ ва молҳои зарурӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба оилаҳо ва ё шаҳрвандони камбизоат дода мешаванд;
- камбизоатон – оилаҳое (шаҳрвандони яккаву танҳо), ки бо сабабҳои аз онҳо новобаста, даромади миёнаи сарикасии онҳо аз андозаи ҳадди ақали зиндагӣ паст мебошад;
- даромади миёнаи сарикасии оила (шаҳрвандони яккаву танҳо) – андозаи миёнаи моҳонаи даромади умумии ба ҳар як узви оила (шаҳрвандони яккаву танҳо) тақсимшуда.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Таъиноти мақсадноки ҳадди ақали зиндагӣ**

Ҳадди ақали зиндагӣ, ки дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад, бо мақсадҳои зерин истифода мегардад:

- баҳо додани сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоии мақсаднок;

- таҳлил ва пешбинии сатҳи зиндагии аҳолӣ;

-асосноккунии кӯмакрасонии иҷтимоии давлатӣ ба камбизоатон;

- тадриҷан наздик кардани андозаҳои муқарраршавандаи ҳадди ақали музди меҳнат, нафақаҳо, ҷубронпулиҳо, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ;

- муайян кардани ҳадди камбизоатӣ ва татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.

**Моддаи 4. Намудҳои ҳадди ақали зиндагӣ**

1. Вобаста аз таъиноти мақсаднок ҳадди ақали зиндагӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

- ба ҳар як нафар аҳолӣ;

- аз рӯи гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ.

2. Ҳадди ақали зиндагӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, бо ҷудо кардани аҳолӣ ба сокинони шаҳр ва деҳот инчунин бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофию иқлимӣ ва хусусиятҳои дигари истеъмоли неъматҳои моддӣ ва истифодаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар маҷмӯъ муайян карда мешавад.

**Моддаи 5. Сабади истеъмолӣ**

1. Сабади истеъмолӣ аз инҳо иборат мебошад:

- маҷмӯи маҳсулоти озуқа;

- маҷмӯи маҳсулоти ғайриозуқа;

- маҷмӯи хизматрасонӣ.

2. Ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти озуқа меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа ба инобат гирифта мешаванд.

3. Ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти ғайриозуқа, ки ба таркиби сабади истеъмолӣ дохил мешаванд, қонеъгардонии талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳими гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ ба назар гирифта мешавад.

4. Ҳангоми муайян намудани маҷмӯи хизматрасонии дар таркиби сабади истеъмолӣ вуҷуддошта, қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа ба инобат гирифта мешавад.

**Моддаи 6. Таҳия, таҷдиди назар ва тасдиқи сабади истеъмолӣ**

1. Сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ зимни тавсияномаҳое, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ бо иштироки иттиҳодияи намояндагони кормандони Тоҷикистон таҳия мегарданд, ҳисоб карда мешавад.

2. Тавсияномаҳои мазкур на камтар аз як маротиба дар 5 сол муайян карда шуда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд.

3. Таркиб ва сохтори сабади истеъмолиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 7. Даврияти ҳисоб ва қоидаи муқаррар намудани андозаи ҳадди ақали зиндагӣ**

1. Андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ дар асоси сабади истеъмолӣ ва маълумоти оморӣ оид ба сатҳи нархҳои истеъмолии маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, бо назардошти ҳамаи намудҳои савдо ва харочот барои боҷҳои давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ҳар семоҳа ҳисоб карда мешавад.

2. Андозаи ҳадди ақали зиндагӣ, қоидаҳои муқарраркунӣ ва даврияти дида баромадани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 8. Истифодаи ҳадди ақали зиндагӣ ҳангоми ба шаҳрвандон расонидани кӯмаки иҷтимоии давлатӣ**

1. Андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ҳангоми муқаррар намудани андозаҳои ҳадди ақали музди меҳнат ва нафақаҳо, инчунин андозаҳои стипендия, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ҳамчун нишондиҳанда ҳисобида мешавад.

2. Ҳангоми бастани шартномаҳои меҳнатии коллективӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти муайян намудани андозаи музди меҳнати кормандон ва дигар кӯмакпулиҳо, андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ҳамчун меъёри асосӣ истифода мешавад.

3. Ҳадди ақали кафолатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила то андозаи ҳадди ақали зиндагӣ бо назардошти ваъзи иқтисодии ҷумҳурӣ баланд бардошта мешавад.

**Моддаи 9. Интишори маълумот оид ба андозаи ҳадди ақали зиндагӣ**

Маълумот дар бораи андозаи ҳадди ақали зиндагӣ барои ҳар як нафар аз рӯи гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба таври пурра дар ҷумҳурӣ ҳар се моҳ дар нашрияи расмии омории Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор карда мешавад.

**Моддаи 10. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш.Душанбе, 19 майи соли 2009,**
**№ 521**